Космополитный элемент слагается из видов мхов, широко распространенных в разных растительно - климатических зонах Земли. Такие виды называют космополитами - убиквистами [2] или панэндемиками [11] и нередко включают в плюрирегиональный тип ареала, или и мультирегиональный элемент [12; 9-10].

Плюрирегиональный тип ареала, по автору [12] включает виды, ареалы которых охватывают участки не менее трех крупнейших регионов царств флоры. По мнению [9-10] мультирегиональный элемент обьединяет виды, распространенные, по крайней мере, на трех континентах, произрастающие и за пределами Голарктики. Выделение в отдельный элемент видов с широким распространением по земному шару, по мнению автора, диктуется не только формальными соображениями, но и необходимостью подчеркнуть наличие такого расселения у лишайников.

Изучение этого явления имеет большое значение для выяснения общих ботанико - географических вопросов.

Характер распространения видов, входящих в состав мультирегионального элемента, показывает, что представители его не распределяются зонально, как это можно в значительной мере принять для эвриголарктического элемента. Само название свидетельствует о том, что мультирегиональные виды произрастают в разных регионах Земного шара, но всегда связаны с условиями места произрастания в соответствующей растительно - климатической зоне, благоприятствующей расселению данных растений. По М.Ф. Макревичу, мультирегиональные лишайники в Голарктике распределяются в пределах растительно - климатических зон горных поясов, как бы повторяя распространение видов зональных элементов в строгом понимании. Нельзя не согласится с [9], которая писала: «Мы полностью отрицаем возможность

существования в условиях девственной природы так называемых космополитов, так как не существует организмов, безразличных к влияниям окружающей среды. Хотя лишайники по своим требованиям к условиям места произрастания считаются очень лабильными организмами, все же, при более детальном изучении географического расселения их по земному шару, особенности географической дифференциации обнаруживаются у них почти с такой же яркостью, как и у высших растений» [9]. Это в полной мере относится и к мхам, распространение которых связано с определенными климатическими зонами Голарктики. Во флоре мхов Памира космополитный элемент представлен 4 видами: Bryum argenteum, Leptobryum pyriforme, Funaria hygrometrica, Ceratodon purpureus, распространенными повсеместно - от подгорных равнин до высокогорья почти во всех растительных группировках. Выделение этого элемента, на наш взгляд, может быть условным и временным. В эту группу вошли генетически разнородные виды с более широкими экологическими амплитудами, дающие иррадиации различного расселения в различных климатических зонах. Виды, включенные нами в азоналный элемент, после детального изучения их экологии и географии со временем могут быть отнесены к различным элементам флоры.

Таким образом, географический анализ видов мхов Памира показывает, что бриофлора неоднородна и представлена генетически различными элементами флоры, относящимися к различным ботанико - географическим областям флоры Земли.

Флора мхов представлена в основном видами монтанного, арктомонтанного, аридного элементов, что в общей сложности составляет не менее трех четвертей флоры. Это основное ядро флоры, имеющее горно - аридный древнесредиземноморский характер. Большинство видов мхов по своему современному географическому распространению оказалось голарктическим, дизъюктивно - голарктическим (135 видов), распространенным почти во всех частях Голарктики. Виды с голарктическими, часто с сильно разорванными ареалами, обнаружены почти во всех элементах бриофлоры. Остальные виды мхов в нашей флоре имеют палеарктические, евроазиатские, азиатские и другие типы ареалов. Среднеазиатский тип ареала представлен 11 видами, памироалайский - 7.

Для выяснения истории происхождения флоры определенной территории основным методом является палеоботанический. Понятно, что при полном отсутствии палеоботанических данных для моховидных Памира выяснить историю развития бриофлоры очень трудно. Поэтому для восстановления истории флоры и растительности, особенно мхов, основное значение приобретают косвенные методы - прежде всего изучение ареалов и систематических связей видов, а также сравнительно - флористический метод с привлечением материалов по другим странам - аналогам. При выяснении истории происхождения флоры определенного региона известное значение имеет сравнение ее с флорой близлежащих территорий. Такое сравнение может показать более или менее флористическое сходство между различными территориями и дать дополнительный материал для общих выводов флористического порядка [13].

ЛИТЕРАТУРА:

1. Лазаренко А.С. Неморальный элемент бриофлоры Советского Дальнего Востока. // Сов. бот., 1949. –№ 6. – С. 43-55.
2. Лазаренко А.С. Основні засади класифікації ареалів листяних мохів Радянського Далекого Сходу // Укр. бот. журн., 1956. Т. 13. – № 1. – С. 31-40.
3. Краснов А.П. Опыт истории развития флоры южной части Восточного Тянь-Шаня. / Записки русск. геогр. об - ва, 1988. – № 19.
4. Криштофович А.Н. Происхождение флоры ангарской суши. / Мат-лы по истории флоры и растительности СССР. Вып. 3. – М. - Л.: Изд – во АН СССР, 1958. – С. 7-14.
5. Engler A. Die pflanzenformocien und die pflanzengeographiche Cliederung des Alpenkette. Appendix 7. – Berlin, 1901.
6. Зеров Д.К., Партыка Л.Я. Мохоподібні Українських Карпат. – Київ: Наукова думка, 1975. – 229 с.
7. Окснер А.Н. Флора лишайників Украіни в двох томах, т 1. – Киев: Вид-во АН УРСР, 1956. – С. 1-493.
8. Окснер А.Н. Определитель лишайников СССР. Вып. 2. Морфология, систематика и географическое распространение. – Л.: Наука, 1974.
9. Макаревич М.Ф. Анализ ліхенофлори Українських Карпат. Київ: Видав. АН УРСР, 1963. – С. 3-261.
10. Макаревич М.Ф. Анализ лихенофлоры Украинских Карпат: автореф. док. дисс. – Л., 1964.

11. Алехин В.В. География растений. – М.: Сов. наука, 1944.
12. Камелин Р.В. Флорогенетический анализ естественной флоры горной Средней Азии. – Л.: Наука, 1973. – С. 3-356.
13. Толмачев А.И. Введение в географию растений. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1974.

УШНАШАКЛОНИ ЭЛЕМЕНТҲОИ НЕМОРАЛӢ ВА КОСМОПОЛИТӢ ДАР ПОМИР

Дар мақола оид ба ушнашаклони неморалӣ ва космополитӣ маълумот оварда шудааст. Элементи неморалӣ дар Помир 9 намуди ушнашаклонро муттаҳид менамояд, ки 4,3 фоизи флораи онро ташкил мекунад. Элементи космополитӣ асосан намудҳои ушнашаклони васеъ паҳншудаи ҳар гуна иқлими минтақаи заминро ҷамъ намудааст. Ба ин намудҳо Bryum argenteum, Leptobryumpyriforme, Funaria hygrometrica, Ceratodon purpureus дохил мешаванд.

КАЛИДВОЖАҲО: бриофитхо, неморал, космополит, элемент, намуд, Помир.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ: Боборачабов Бобохон, доктори илмҳои биология, профессори кафераи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Тел.: (+992) 919-39-86-04.

МОХООБРАЗНЫЕ НЕМОРАЛЬНОГО И КОСМОПОЛИТНОГО ЭЛЕМЕНТОВ ПАМИРА

В статье представлена информация об аморальных и космополитических формах воспитания. Неморальный элемент на Памире объединяет 9 видов анемонов, составляющих 4,3% его флоры. Космополитический элемент включает главным образом широко распространенные виды всех климатических регионов Земли. К этим видам относятся Bryum argenteum, Leptobryumpyriforme, Funaria hygrometrica, Ceratodon purpureus.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: моховидные, неморальные, космополитные, элемент, тип, вид, Памир.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: Бобораджабов Бобохон, доктор биологических наук, профессор каферы ботаники Таджикского государственного педагогического университеа им. С. Айни. Тел.: (+992) 919-39-86-04.

BRYOPHYTES OF THE NEMORAL AND COSMOPOLITAN ELEMENTS OF THE PAMIRS

The article provides information about immoral and cosmopolitan forms of education. The nemoral element in the Pamirs unites 9 species of anemones, constituting 4.3% of its flora. The cosmopolitan element mainly includes widely distributed species from all climatic regions of the Earth. These species include Bryum argenteum, Leptobryumpyriforme, Funaria hygrometrica, Ceratodon purpureus.

KEY WORDS: bryophytes, nemoral, cosmopolitan, element, type, species, Pamir.

INFORMATION ABOUT THE AUTHOR: Boborajabov Bobokhon, Doctor of Biological Sciences, Professor of the Department of Botany of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Phone: (+992) 919-39-86-04.

ПАҲНШАВӢ ВА ЗАРАРРАСОНИИ ПӮСИШИ СИЁҲИ РЕШАИ ПАХТАИ МАҲИННАХ

Рустамов Ш.Р,, Сангинов А.С.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Султонова М.Ҳ.
Институти боғпарварии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Барангезандаи пӯсиши сиёҳи решаи ниҳоли пахта – *Thielaviopsis basicola Ferraris Zaprometov* касалии хеле паҳншуда мебошад. Онро дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, ИМА, Туркия, Хитой ва дигар мамлакатҳо мушоҳида кардан мумкин аст.

Ин касалӣ дар пахта дар ду давра пайдо мешавад: баҳорон ва тирамоҳ. Дар баҳорон пӯсиши сиёҳи решаи ниҳоли пахтаи навбаромада ва тирамоҳ бошад решаҳо ранги сиёҳ гирифта, пажмурдашавӣ ба амал меояд.

Дар соли барои рушди зудпаҳншавии барангезанда мусоид, дар хок захролудшавии зиёди ниҳолони навнешзада ва пӯсиши сиёҳи реша ба назар мерасад. Зараррасонӣ ба ниҳолҳо дар баъзе ҳолатҳо ба 36% мерасад ва зарурати азнавшинонӣ ё пурра гузаронидани кишти такрорӣ дар майдонҳои киштшуда ба миён меояд. Зараррасонӣ дар фасли баҳор боиси нестшавии навниҳолони пахта гашта, ҷафсии ниҳолҳо дар заминҳо кам мешавад, ки ин ба камшавии ҳосил оварда мерасонад [1].

Дар ҳолати зарар дидани навниҳолони пахта аз замбӯруғи *Thielaviopsis basicola* ранги решаҳо сурхи қаҳвагӣ мешаванд, онҳо муҳлати зиёд пажмурда нашуда, якбора хушк мешаванд ва сиёҳ мегарданд. Тирамоҳ замбӯруғи *Th. basicola* метавонад ба решаҳои ниҳолони калон зарар расонад, ки ин боиси пажмурдашавии баргҳо ва резиши онҳо мегардад [3].

Дар ҳолати зараррасонии пӯсиши сиёҳи реша дар давраи 3-4-баргаи навниҳол ранги баргҳо парида, ба худ ранги паридаи бурро мегиранд. Решаҳо дар аввал сиёҳи сурхча гашта, сипас сиёҳ мешаванд. Пӯсти болоии решаи онҳо дар ҳолати сахт зарар дидан варам мекунанд. Баъзан қисмати поёнии танаи ниҳол ғафс мешавад [2].

Ба ғайр аз ин, зараррасонӣ метавонад пӯшида ҳам шавад. Ин зараррасонӣ дар ниҳолҳои осебдида, ки аз пӯсиши сиёҳи реша то ба нестӣ нарасидаанд, ба назар мерасад. Чунин ниҳолҳо дар қад ва рушд аз ниҳолони солим қафо мемонанд ва дар натиҷа ҳосили дилхоҳ намедиҳанд [1].

Дар нимаи дуюми моҳи август, баргҳои ниҳолони касали аз пӯсиши сиёҳи реша зарардида равшан мешаванд, вале намеафтанд, танаашон сиёҳи сурхча мешавад. Дар гарданаи реша варамчаҳо ба вуҷуд меоянд, ки ин боиси каҷшавии танаи ниҳолҳо мегардад. Дар пӯсти танаҳои каҷ ва буридашуда ниҳолҳо ранги бури сурхча мегирад, ки ин ранг ба андозаи 10-12 см аз ҷои осебдида боло меравад [2].

Пӯсиши сиёҳи реша таъсири сахт дошта, ба сабзиш ва ташаккулёбии ниҳолҳо зарари калон мерасонад. Зараррасонӣ дар майдонҳои кишт дар он аст, ки қади ниҳолони касал аз ниҳолҳои солим тақрибан 7 - 22 см паст шуда, кӯракашон 36,9% майда, вазнашон ҳам кам мешавад, ки ҳамаи ин аз камшавии ҳосил дар заминҳои ниҳолҳои касал дар қиёс бо заминҳои ниҳолони солим шаҳодат медиҳад. Вазни кӯраки касали пахтаи хом аз 16-19% нисбат ба пахтаи солим кам мешавад [1].

Хулоса, дар давоми фасли баҳор зарарёбӣ аз сиёҳшавӣ ва пӯсиши реша боиси нестшавии навниҳолҳо ва тухмӣ мегардад. Дар фаслҳои тобистон ва тирамоҳ бошад пайдошавии сиёҳшавӣ ва пӯсиши реша боиси камшавии ҳосил аз ҳисоби сабукшавии кӯрак ва миқдори кӯракҳо дар ниҳолҳо мегардад.

Дар солҳои 2017-2019 мо зараррасонӣ аз сиёҳшавӣ ва пӯсиши решаро дар тухмиҳои тобовариашон баланд, тобовар, махсусан тобовари навъҳои пахтаи маҳиннах дар фаслҳои тобистону тирамоҳ омӯхтем.

Пеш аз ин чунин омӯзишро дар фасли баҳор дар ниҳолҳои навруста ва ниҳолони расида дар давраи 2-4-барга шуданашон гузаронида, дараҷаи зараррасониро баҳогузорӣ намуда будем. Дар ин давра пӯсиш, хушкшавии ниҳолони навруста то ба нестшавии тухмӣ дар замин боис гардид, ки мо аз нав кишти такрории пахтаро гузаронидем.

Аз натиҷаҳои таҳқиқоти мо наъви тобовартарин ин нави 01366 ва Giza-21 мебошад. Баромади ашёи хом аз ҳар як кӯрак 4,2 ва 3,8 граммиро ташкил дод.

Ҷадвали 1

Баҳодиҳии зараровариии пӯсиши сиёҳи реша нисбат ба наъвҳои тобовари пахтаи маҳиннах дар (солҳои 2017-2019)

Навъҳо	*Ҷумҳурӣ, ва мамлакатҳои хоричӣ*	*Вазни пахтаи хоми як кӯрак, г*	*Миқдори кӯрак дар як растан,, адад*	*Ҳосил аз як растанӣ, г*	*Аз пӯсиши сиёҳи реша*	*Фарқият аз*	
						st 9326-В ±	*st.8763-И* ±
St .9326-В	*Тоҷикистон*	*3.3*	*12.4*	*42.6*	*3.2 %*		±
St .8763-И	*Туркманистон*	*2.4*	*11.8*	*32.2*	*30.0 %*	±	
01366	*Тоҷикистон*	*4.2*	*19.0*	*80.0*	*0.0 %*	*-3.2*	*-30.0*
7318-В	*Тоҷикистон*	*3.0*	*11.7*	*35.0*	*0.0 %*	*-3.2*	*-30.0*
7072-В	*Тоҷикистон*	*3.0*	*10.0*	*30.0*	*0.0 %*	*-3.2*	*-30.0*
Giza-21	*Миср*	*3.8*	*17.1*	*65.0*	*0.0 %*	*-3.2*	*-30.0*
Pais-3	*Перу*	*3.0*	*17.0*	*51.0*	*0.0 %*	*-3.2*	*-30.0*
Bar-4-27	*Судан*	*2.5*	*21.6*	*54.0*	*0.0 %*	*-3.2*	*-30.0*
4422	*Хитой*	*2.9*	*12.1*	*35.0*	*0.0 %*	*-3.2*	*-30.0*
5762	*ИМА*	*3.0*	*18.0*	*54.0*	*0.0%*	*-3.2*	*-30.0*

Ташаккулёбии кӯракҳо: мутобиқан аз навъи 01366 - 19 адад, аз навъи Giza- 21 - 17,1 адад. Ин навъҳо аз ҷиҳати ҳосилдиҳӣ аз дигар навъҳо фарқ доштанд: мутобиқан 80 грамм ва 65 грамм аз ҳар як ниҳоли пахта.

Тобоварӣ дар навъҳои 7318-В, 7072-В, Pais-3,4422, АС 307, 5762 аз пӯсиши сиёҳи решаи пахта зиёд буд, вале ҳосилнокиашон аз як кӯрак аз 2,9-3,0 грамми нисбат ба навъҳои дар боло овардашуда кам буд.

Пайдошавии кӯракҳо дар як ниҳоли пахта нисбат ба дигар навъҳо фарқи бениҳоят зиёд дошт. Ба мисли он, ки навъҳои 7318-В, 7072-В, 4422 дар як ниҳоли пахта аз 10,0 то 12,1 адад кӯрак дошта, ҳосилнокии як ниҳоли пахта 30,0-35,0 граммиро ташкил дод, ки андаке баландтар ва нисбат ба меъёри муқарраршудаи навъи 8763- И паст аст.

Навъҳои дигари пахта ба мисли Pais-3, 5762 дар як ниҳол аз 17 то 18 адад кӯрак дошта, ҳосилнокии ашёи хом аз як ниҳол 51,0-0,54 граммиро ташкил дод. Нишондоди навъи Судан Bar - 4-27 паст буда, дар як кӯрак 2,5 грамм ашёи хом дошт, ки ин ба меъёри навъи пахтаи 8763-И баробар буд. Он дар як ниҳол 21,6 кӯрак дошт ва баромади ашёи хом аз як ниҳол ба 54,0 грамм мерасид (ҷадвали 1).

АДАБИЁТ:

1. Каримов, М.А. Болезни хлопчатника / М.А. Каримов. – Ташкент: Укутувчи, 1976.
2. Пересыпкин, В.Ф. Сельскохозяйственная фитопатология / В.Ф. Пересыпкин. – М.: Колос, 1989.
3. Султанова, М.Х. Взаимоотношение *F. oxysporum f. vasinfectum*с другими почвенными патогенами / М.Х. Султанова / Исследования по агрономическим проблемам Таджикистана // Труды Тадж. СХИ. – Душанбе, 1977.

ПАҲНШАВӢ ВА ЗАРАРРАСОНИИ ПӮСИШИ СИЁҲИ РЕШАИ ПАХТАИ МАҲИННАХ

Дар мақола дар хусуси яке аз касалии хеле паҳншудаи ниҳоли пахта пӯсиши сиёҳи решаи пахтаи маҳиннах маълумот дода шудааст. Муаллифон қайд мекунанд, ки ин касалӣ дар пахта дар ду давра пайдо мешавад: баҳорон ва тирамоҳ. Дар баҳорон пӯсиши сиёҳи решаи ниҳоли пахтаи навбаромад ва тирамоҳ решаҳо сиёҳ шуда, пажмурдашавии ниҳолҳо ба амал меояд.

Ба туфайли таҳқиқот маълум карда шуд, ки навъҳои 01366 ва Giza-21 ба ин беморӣ тобовар мебошанд.

КАЛИДВОЖАҲО: реша, барангезанда, кишти такрорӣ, пӯсиши реша, занбурӯғ, барг, тана, ҳосил, ашёи хом.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН: Рустамов Шуҳрат Рустамович, омӯзгори кафедраи биологияи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Сангинов Абдуҷалил, номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи биологияи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Султанова Мавжуда Ҳасановна, доктори илмҳои кишоварзӣ, корманди Институти боғпарварию сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. E-mail: mavjuda.42@mail.ru

РАСПРОСТРАНЕНИЕ И ПОВРЕЖДЕНИЕ КОРНЕЙ ТОНКОВОЛОКНИСТОГО ХЛОПЧАТНИКА ЧЕРНОЙ ГНИЛЬЮ

В статье приведены сведения об одном из наиболее распространенных заболеваний хлопчатника – черной гнили корней хлопчатника. Авторы отмечают, что это заболевание проявляется у хлопчатника в два периода: весенний и осенний. Весной корни только что появившихся растений хлопчатника чернеют, а осенью корни чернеют, и растения вянут.

В результате исследований установлено, что сорта 01366 и Giza-21 устойчивы к этому заболеванию.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: корень, раздражитель, пересадка, корневая гниль, гриб, лист, стебель, урожай, сырье.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ: Рустамов Шухрат Рустамович, преподаватель кафедры общей биологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.

Сангинов Абдуджалил, кандидат сельскохозяйственных наук, доцент кафедры общей биологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.

Султанова Мавжуда Хасановна, доктор сельскохозяйственных наук, сотрудник Института садоводства и овощеводства Академии сельскохозяйственных наук Таджикистана. E-mail: mavjuda.42@mail.ru

SPREADING AND DAMAGE TO THE ROOT OF FINE FIBER COTTON BY BLACK ROT

The article provides information about one of the most common diseases of cotton - black rot of cotton roots. The authors note that this disease manifests itself in cotton in two periods: spring and autumn. In the spring, the roots of newly emerged cotton plants turn black, and in the fall the roots turn black and the plants wither.

As a result of research, it was found that varieties 01366 and Giza-21 are resistant to this disease.

KEY WORDS: root, irritant, transplant, root rot, fungus, leaf, stem, crop, raw materials.

INFORMATION ABOUT THE AUTHORS: Rustamov Shuhrat Rustamovich, Lecturer of the Department of General Biology of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.

Sanginov Abdujalil, Candidate of Agricultural Sciences, Associate Professor of the Department of General Biology of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.

Sultanova Mavzhuda Hasanovna, Doctor of Agricultural Sciences, Employee of the Institute of Horticulture and Vegetable Growing of the Academy of Agricultural Sciences of Tajikistan. E-mail: mavjuda.42@mail.ru

ТАЪСИРИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ БА ҲОЛАТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ГИДРОЛОГИИ ПИРЯХҲО

Қувватов Ф.М., Комилов Р.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Дар 100 соли охир сатҳи оби баҳр такрибан 25 см баланд шудааст. Дар ҳолати баландшавии бисёри ҳарорати ҳаво (зиёда аз 1,5-2,0ºС) майдони яхҳои кӯҳистон ва ғафсии яхҳои баҳрҳои яхдор бошиддат кам мешаванд ва боиси баландшавии ҳалокатовари сатҳи уқёнус (дар охири асри XXI мумкин аст 0,5-2 метрро ташкил диҳад) мегардад.

Ба ифодаи яхшиноси машҳури сатҳи ҷаҳонии Россия академик В.И. Котляков ҳоло мо дар давраи байни яхбандӣ умр ба сар мебарем, ҳанӯз пӯшиши барфу пиряхҳо мисли пештара масоҳати калонро фаро гирифтаанд. Оянда онҳо бо таъсири инсонсиришт ӣ (антроногенӣ) беандоза баланд шудани ҳарорати атмосфераи замин метавонанд ҳамагӣ нобуд шаванд. Он гоҳ масоҳати калони замин метавонад зери обу ботлоқ монад, заминҳои ҳосилхези ҳамвориҳои канори уқёнусҳо зери об мемонанд, истеҳсоли неруи барқи обӣ дар бисёр дарёҳо аз кор мебароянд, шабакаҳои обёрӣ бе об мемонанд. Аз ин ҷост, ки оянда ба захираҳои яхҳои табиӣ чи ҳолат пеш меояд, роҳҳои истифодаи оқилона ва дуруст корбаст намудани онҳоро дар хоҷагӣ дарёфт намудани мо лозим меояд.

Масъалаи муайян намудани манбаҳои гуногуни ғизогирии дарёҳои Осиёи Миёнаро муҳаққиқони зиёде баррасӣ намудаанд ва пеш аз ҳама, бояд номи В.Л. Шулс, З.П. Шеглова, А.О. Кеммерихро хотирнишон намуд. Дар натиҷа саҳми манбаҳои гуногуни ғизогирӣ аз қабили ғизогирии боронӣ, барфӣ, обҳои зеризаминӣ ва пиряхиро барои дарёҳои гуногун муайян карда шуд.

Доир ба муайян намудани бузургии ғизогирии пиряхӣ дар байни муҳаққиқон тафовут ба назар мерасад. Ин фарқият аз он маншаъ мегирад, ки муҳаққиқон ба фаҳмиши саҳми ғизогирии пиряхии дарёҳо чи тариқ менигаранд, мефаҳманд ва шарҳ медиҳанд. Мувофиқи андешаи В.Л. Шулс ғизогирии дарёҳои Осиёи Миёна ҳангоми аз кӯҳ ба ҳамворӣ баромадан аз ҳама камтар, яъне 7% обшораи солонаи дарёҳоро ташкил медиҳанд, мувофиқи (З.П. Шеглова ин нишондиҳанда 10% ва мувофиқи маълумоти А.О. Кеммерих ба 16% баробар аст.

Агар ба ин масъала ба таври яклухт нигарем, пас обшораи пиряхии дарёҳои Тоҷикистон аз 3 то ба 80% мерасанд. Вазни қиёсии барфобаҳои мавсимӣ дар обшораи рӯдҳои мамлакат аз 13 то 66 фоизро ташкил медиҳад. Ин бузургӣ барои шохобҳои саргаҳу мобайнии дарёи Вахш (Сорбоғ, Сангикар, Ярхич), Кофарниҳон, Сурхандарё, Яғноб ва Хингоб ба 55-60% мерасад, зеро дар саргаҳи ҳавзаи онҳо боришоти сахт бисёр аст. Ғизогирии барфӣ аз баландии миёнаи ҳавзаи обгундор вобастагӣ дорад. чунин вобастагӣ барои ҳавзаи дарёҳои Вахш, Зарафшон, Кофарниҳон ва қисмҳои баландкӯҳи ҳавзаи дарёи Панҷ (беш аз 4000 м) хуб зоҳир гаштааст. Ҳавзаи обгундории Вахшро қаторкӯҳҳои басо баланд фаро гирифтаанд ва ҳамзамон пиряхҳо ҳам дар балаидкӯҳҳо макон доранд, саҳми обшораи барфӣ нисбат ба ҳавзаи обгундории Кофарниҳон, Зарафшон, Сурхандарё ва Варзоб баланд (45-66%) аст, зеро ҳудуди мобайнии обгундор 2900-2300 м паст, масоҳати калон дорад [3, с. 68].

Дар баландиҳои зиёд, новобаста аз он ки боришоти сахт афзоиш меёбад, саҳми ғизогирии барфӣ кам мешавад, зеро ғизогирии пиряхӣ афзалият пайдо мекунад. Дар давраи обшавии пиряхҳо саҳми ғизогирии барфӣ нисбат ба обшораи солона паст шуда, барои дарёҳои ғизогириашон пиряхию барфӣ аз 14 то 30% ва барои он дарёҳое, ки ғизогириашон барфию пиряхӣ мебошад, аз 30 то 40% мерасад.

Муайян карда шудааст, ки обшавии бештари пиряхҳои Тоҷикистон на дар қисми ҷанубу ғарбии қаторкӯҳҳо, балки дар нишебии ғарбӣ рух медодааст. Ин ҳолатро дар нишебии ғарбии қаторкӯҳи Академияи илмҳо, дар болооби водии Ванҷ ва Язғулом мушоҳида кардан мумкин аст. Ин ҷо обшавии қисми поёнии забонаи пиряхҳо соле ба 6 м мерасад, зеро забонаи ин пиряхҳо хеле паст ҷойгир шудаанд. Масалан, забонаи пиряхи Ҷамъияти Географӣ дар байни

пиряхҳои Помир аз ҳама паст, дар баландии 2580 м фаромадааст. Забонаи пиряхи Федченко соле 4 м гудохта мешавад.

Ташаккули обшораи пиряхӣ натанҳо аз дараҷаи яхбандии ҳавза ва тағйирёбии иқлим, инчунин аз мавқеи баланд ҷойгиршавӣ ва типи морфологии пиряхҳо вобаста мебошад. Новобаста аз он ки ҳавзаи дарёҳои Мурғоб, Қарокӯл, Ғунд калон ва масоҳати пиряхҳояшон фузун аст, ҳаҷми солонаи обшораи пиряхияшон калон нест, зеро пиряхҳо хеле баланд ҷойгир шудаанд, ҳарорати ҳаво паст, обшавии пиряхҳо оҳиста мегузарад. Гарчӣ ҳавзаи дарё ва пиряхҳои дарёи Ванҷ, Язғулом, Хингоб нисбат ба дарёҳои боло номбаршуда хурдтаранд, вале забонашон хеле поён ҷойгир шудаанд, онҳо бо суръаттар гудохта мешаванд, обшораи пиряхии солонаашон фузунтар мебошад [2].

Модули обшораи пиряхии дарёҳо (ҳаҷми обшора дар воҳиди вақт ва воҳиди майдон) низ тафовути маълум дорад. Мувофиқи ҳисобҳои З. Мӯсоев ва Н. Дилмуродов модули обшора аз 10 л/сон.км^2 (дарёи Маркансу) то 100 л/сон. км^2 рӯди Хонақои ҳавзаи дарёи Кофарниҳон мерасад. Модули бештари обшораи пиряхӣ (80-90 л/сон. км^2) дар рӯдҳои Сорбоғ, Сангикор, Паткинов, Варзоб ва Кофарниҳон ба мушоҳида мерасад, пиряхҳои ҳавзаашон паст воқеъанд ва ба самти ҳаракати бодҳои намиовар мувофиқ ҷойгир шудаанд. Модули камтарини обшораи пиряхӣ барои дарёҳои Помири Шарқӣ, аз қабили Оқсу, Маркансу ва Қарокӯл хос мебошанд. Обшораи пиряхии дарёҳои Зарафшон, Хингоб, Ванҷ ва Язғулом дар давраи обшавии пиряхҳо нисбат ба ҳисоби миёна 2-4 маротиба афзуда, нисбат ба обшораи миёнаи умумии ин дарёҳо дар ин фосила ба 60-70% мерасад [4; 1]. Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки нақши пиряхҳо ҳамчун манбаи ғизогирии дарёҳо, тобистон ҳангоми нашви зироатҳои кишта афзоиш ёфта, ба ҳадди максимум мерасад ва зироатҳои обёришавандаро бо об хуб таъмин мекунанд.

Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешиниҳод гардидани ғояи «Оби тоза» (с. 2003), даҳсолаи амалиёти «Об барои ҳаёт» (с. 2005-2015), ҳамкорӣ дар соҳаи об (с. 2013) ва даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор» (с. 2018-2028) олимон, коршиносон, аҳли зиё, роҳбарони мамлакатҳои ҷаҳонро аз зинаҳои поёнӣ то ба дараҷаи олӣ ба такон андохт, дар ин раванд корҳои зиёди илмиву амалӣ рӯйи кор омаданд, баҳри бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии музофоту мамлакатҳои ҷудогона кори хайр анҷом дода шуд ва ин амал бефосила давом хоҳад ёфт.

АДАБИЁТ:

1. Аброров Ҳ. Иқтидори иқтисодии захираҳои оби водии Зарафшон. – Душанбе, 2005.
2. Аброров Ҳ. Ҳолати имрӯза ва таҳаввули минбаъдаи пиряхҳои Кӯҳистони Зарафшон. Конференсияи илмӣ, Имкониятҳои истифодабарии захираҳои обӣ - энергетикии Тоҷикистон дар шароити тағйирёбии иқлим. (22 майи соли 2009). – Душанбе, 2009.
3. Курбанов А.К., Мухаббатов Х.М. Таджикистан основной источник пресной воды Центральной Азии. – Душанбе, 2003.
4. Мусоев З., Дилмурадов Н. Ледники Таджикистана. – Душанбе, 1994.
5. Насыров М.Н. Ледники бассейна р. Зеравшан. Современное оледененные в бассейне реки Зеравшан. – Ташкент, 1972.

ТАЪСИРИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ БА ҲОЛАТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ГИДРОЛОГИИ ПИРЯХҲО

Дар ин мақола яке аз масоили муҳимми сайёра тағйирёбии иқлим, ки боиси бетанаффус об шудани захираи пиряхҳо ва баланд шудани сатҳи оби дарёҳо, баҳру уқёнусҳо мегардад, баррасӣ шудааст.

Муаллифон масъалаи ғизогирии дарёҳои Осиёи Миёнаро таҳлил намуда, маълум кардаанд, ки нақши пиряхҳо ҳамчун манбаи ғизогирии дарёҳо хеле муҳим буда, тобистон ҳангоми нашви зироатҳои киштшуда афзоиш ёфта, ба ҳадди максимум мерасад ва ин имкон медиҳад, ки зироатҳои обёришаванда бо об таъмин карда шаванд.

КАЛИДВОЖАҲО: ҳарорати ҳаво, майдони ях, баҳр, уқёнус, пирях, атмосфера, барф, борон, дарё, зироатҳои обёришаванда.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН: Қувватов Файзиддин Мирзомуродович, омӯзгори кафедраи биологияи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Комилов Раҳматулло, омӯзгори кафедраи биологияи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

ВЛИЯНИЕ ИЗМЕНЕНИЯ КЛИМАТА НА СОСТОЯНИЕ И ГИДРОЛОГИЧЕСКИЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ ЛЕДНИКОВ

В данной статье обсуждается одна из важнейших проблем планеты – изменение климата, которое приводит к постоянному таянию ледников и повышению уровня воды рек, морей и океанов.

Авторы проанализировали проблему питания рек Средней Азии и выяснили, что роль ледников как источника питания рек очень велика, возрастает и достигает максимума летом, когда созревают посевные культуры, и это дает возможность снабжать орошаемые культуры водой.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: температура воздуха, ледяная площадь, море, океан, ледник, атмосфера, снег, дождь, река, орошаемые посевы.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ: Кувватов Файзиддин Мирзомуродович, преподаватель кафедры общей биологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.

Комилов Рахматулло, преподаватель кафедры общей биологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.

IMPACT OF CLIMATE CHANGE ON THE STATE AND HYDROLOGICAL CHARACTERISTICS OF GLACIERS

This article discusses one of the most important problems of the planet - climate change, which leads to the constant melting of glaciers and rising water levels in rivers, seas and oceans.

The authors analyzed the problem of feeding the rivers of Central Asia and found that the role of glaciers as a source of feeding rivers is very large, increases and reaches a maximum in the summer, when crops ripen, and this makes it possible to supply irrigated crops with water.

KEY WORDS: air temperature, ice area, sea, ocean, glacier, atmosphere, snow, rain, river, irrigated crops.

INFORMATION ABOUT THE AUTHORS: Kuvatov Fayziddin Mirzomurodovich, Lecturer at the Department of General Biology of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.

Komilov Rahmatullo, Lecturer at the Department of General Biology of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.

ХУСУСИЯТҲОИ МОРФОЛОГӢ-БИОЛОГӢ ВА АГРОХОҶАГИИ НАВЪИ НАВИ ОЯНДАДОРИ ПАХТАИ МАҲИННАХИ 750-В

Комилов Р.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Навъи 750-В дар филиали Институти «Зироаткорӣ» дар вилояти Хатлон дар натиҷаи дурагакунии навъҳои пахтаи маҳиннахи 7073-В бо навъи Эквадор 299883 ба туфайли интихоби фардии бисёркаратаи минбаъда ва дар шароити зиёд паҳншавии вилти фузариозӣ парвариш кардаи А. Сангинов ва Б. Сангинов дарёфт карда шудааст.

Баландии ниҳол 105-110 см шохчаи иловагии моноподиалӣ пайдо намекунад, шонааш мустаҳкам, хоб намеравад, сабз, каме мӯякчаҳо дорад, дар фасли тирамоҳ ранги шонааш сурх мегардад. Масофаи байни буғумҳо дар шонаи асосӣ 4-5 см, дар баҒали барги асосӣ 3-4 кӯраки калон месабзад, кӯракҳояш 3-4 парра дорад. Пайдоиши кӯраки аввал дар буғуми 3-4-ум ба мушоҳида мерасад, аммо дар сурати агротехникаи нағз дар буғуми 2-3-ум пайдо мешавад.

Ҳаҷми барги ниҳоли навъи мазкур миёна буда, 5-гӯша, сабзи торик, шакли парраҳояш байзашакли секунҷа, парраи миёнаи барг сегӯшаи байзашакл ва нугдор мебошад.

Гули ниҳол калони лимӯранг буда, ранги барги тоҷгулаш сафеди зарднамо ва дар бехаш доғи сурхчаи намоён дорад.

Гардани гул сурхи зардтоб мебошад. Наринаи гул бо модинааш зич хобида мебошад. Нуги тухмдони модина аз наринаи он берун баромада меистад. Ҳаҷми баргаки зери гул миёна буда, 11-13 дандона дорад ва ними кӯракро мепӯшонад.

Кӯраки навъи 750-В калон буда, 3-4 палла дорад, конусмонанди нугаш кунд, рӯи пучоқи кӯрак сабзи сиёҳчатоб буда, бо доғҳои сиёҳ фаро гирифта шудааст. Ҳангоми пухта расидан нағз кушода мешавад, пахтааш аз кӯрак намерезад.

Вазни миёнаи як кӯрак 3,8-4,0 г. Ҳаҷми чигиташ миёна буда, байзашакл ва нугаш тез мебошад. Дар чигиташ пат мавҷуд буда, зумурутранги кабуднамо мебошад.

Нахаш аз рӯи сифати технологӣ ба навъи дуюм дохил шуда, рангаш сафед, аз чигит ба осонӣ ҷудо мешавад.

Дарозии нахаш 39,7-40,0 мм, аст нахаш мустаҳкам 4,7-4,9 г.к., рақами метрикиаш 7000-7150, баромади нахаш 34,9-35,3%, дарозии кандашавии нах 33,3-34,3 мебошад.

Давраи парвариши ин навъ аз 118-121 рӯзро дар бар мегирад, ки ин назар ба навъи стандарти 9326-В ва 9883-И 3-5 рӯз камтар аст. Кӯракҳо зуд ва баробар мешукуфанд.

Навъи 750-В аз натиҷаҳои санҷиши лабораторию саҳроӣ дар қитъаҳои навъсанҷии давлатӣ, хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ мувофиқи маълумоти корхонаҳои коркарди пахта нишон медиҳад, ки ҳатто дар шароити хеле тағйирёбандаи иқлим ва агротехникаи хуб ҳосилашро намепартояд. Ба касалии вилти фузариозӣ, гоммоз, макроспориоз ва пӯсиши реша тобовар мебошад. Ҷамъоварии ҳосили он бо мошинаи пахтачинӣ қулай мебошад.

Дар байни навъҳои дар ҷумҳурӣ киштшаванда навъи750-В яке аз навъҳои ояндадор ба шумор меравад. Аз рӯи нишондоди қитъаи таҷрибавӣ-озмунии навъҳо натиҷаҳои оид ба ҳосилнокӣ ва сифати технологии нах бадастомада дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1

Ҳосилнокӣ ва сифати технологии навъи 750-В дар қитъаи санҷишӣ-озмунӣ

Навъҳо	*Ҳосили пахта, с/ га*		*Ҳосили нах, с/ га*		*Баромади нах %*	*Вазни пахтаи як кӯрак, г.*	*Муҳлати пухта расидани ҳосил, руз.*
	то давраи хунукӣ	*Умумӣ*	*то давраи хунукӣ*	*Умумӣ*			
St 9326-В	*23,5*	*25,8*	*7,9*	*8,7*	*33,6*	*3,2*	*121*
750-В	*25,6*	*28,3*	*9,5*	*10,0*	*35,6*	*3,8*	*122*
Фарқият	*2,1*	*2,5*	*1,6*	*2,0*	*1,9*	*0,6*	*+1*
E		*0,2*					
P %		*0,6*					

Натиҷаи санҷиши давлатии навъҳо ва баҳодиҳӣ нишон медиҳад, ки дар шароити ноҳияҳои ҷануби пахтакори Тоҷикистон навъи 750-В оид ба ҳосилнокӣ як қатор нишондиҳандаҳои хуб дошта, нисбат ба навъҳои ноҳиябандӣ кардашуда беҳтар аст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2

Нишондодҳои санҷиши давлатии ҷумҳуриявӣ оид ба навъи 750-В.

Санҷиши давлатӣ	*Навъҳо*	*Ҳосили пахта с/ га*		*Ҳосили нах с/ га*		*Баромади нах, %*	Вазни пахтаи як кӯрак, г
		то давраи хунукӣ	*Умумӣ*	*то давраи хунукӣ*	*Умумӣ*		
н. Кӯшониён	*9326-В*	*20,0*	*24,8*	*6,7*	*8,3*	*33,7*	3,0
	750-В	*22,6*	*28,5*	*7,8*	*8,9*	*34,7*	3,5
н. Вахш	*9326-В*	*23,3*	*25,6*	*7,7*	*8,5*	*33,1*	3,1
	750-В	*24,4*	*28,2*	*8,7*	*9,9*	*35,3*	3,4
н.Ҷалолуддини Балхӣ	*9326-В*	*23,5*	*25,1*	*7,8*	*8,3*	*33,2*	2,4
	750-В	*23,8*	*25,3*	*8,1*	*8,6*	*34,2*	2,3
н. Шаҳритус	*9326-В*	*25,7*	*28,3*	*8,8*	*9,6*	*34,1*	3,0
	750-В	*26,6*	*28,9*	*9,6*	*10,5*	*36,2*	3,6

Аз ҷадвали 2 маълум мешавад, ки навъи 750-В аз ҷиҳати ҳосилнокӣ дар санҷиши давлати ҷумҳурӣ аз навъҳои ноҳиябандӣ кардашуда ва навъи муқоисавии 9326-В аз 0,5 то 5,2 с/ га аз ҳосили умумӣ, ҳосили нах бошад 1,7 с/ га., аз ҳосили то давраи хунукӣ 1,6 с/ га аз ҳисоби ҳосили умумӣ додаст.

АДАБИЁТ:

1. Акужин Д.А., Попов П. Технологические свойство волокна и урожайность куста // Хлопководство. – 1983. – №10. – С. 28.
2. Болсс В.А. Хлопчатник в Египте, серия переводов иностранной, литературы по хлопку. – Ташкент: НИХИ, 1937. – №4. – С. 20.
3. Кокуев В.И. Хлопчатник нулевого типа ветвления и их практическое значение. – Ташкент: СоюзНИХИ, 1933. – С. 24.
4. Канаш С.С. Межвидовая гибридизация в пределах разнохромосомных видов хлопчатника // Труды Сред. Аз НИХИ, вып. 2, 1932. – С. 24-31.
5. Высоцкий К.А. Отдаленная гибридизация в пределах рода Госсипиум. В кн. Справочник по хлопководству. – Ташкент: СоюзНИХИ, 1937. – С. 40-49.
6. Мейер Ф.М. Хлопчатник. – Ташкент: АН. Уз. СССР, 1954. Т. – С. 354.

ХУСУСИЯТҲОИ МОРФОЛОГӢ-БИОЛОГӢ ВА АГРОХОҶАГИИ НАВЪИ НАВИ ОЯНДАДОРИ ПАХТАИ МАҲИННАХИ 750-В

Дар ин мақола хусусиятҳои морфологӣ-биологӣ ва агрохоҷагии навъи нави пахтаи маҳиннахи 750-В, ки аз тарафи А. Сангинов ва Б. Сангинов барои ноҳиябандӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқ гардидааст. Қайд мешавад, ки пахтаи маҳиннахи 750-В аз рӯи ҳамаи иншондиҳандаҳо аз навъҳои дар ҷумҳурӣ киштшаванда бартарӣ дошта, натиҷаҳои санҷиши лабораторию саҳроӣ нишон доданд, ки он ба касалиҳои фузариозӣ, гоммоз, микроспориоз ва пӯсиши реша тобовар мебошад.

КАЛИДВОЖАҲО: ниҳол, шохчаҳо, кӯрак, агротехника, барг, гул, тоҷгул, чигит, нах, хоҷагиии деҳқонӣ ва фермерӣ, ҳосилнокӣ.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ: Комилов Раҳматулло, омӯзгори кафедраи биологияи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

МОРФОЛОГО-БИОЛОГИЧЕСКИЕ И АГРОЭКОНОМИЧЕСКИЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ НОВОГО БУДУЩЕГО ТИПА ТОНКОВОЛОКНИСТОГО ХЛОПКА 750-Б

В этой статье исследуется морфолого-биологическая и сельскохозяйственная характеристика нового сорта тонковолокнистого хлопчатника 750-Б, который был разработан А. Сангиновым и Б. Сангиновым и предложен к районированию. Отмечается, что тонковолокнистый сорт 750-Б превосходит все сорта выращиваемые в стране по всем показателям, а результаты лабораторных и полевых испытаний показали, что он устойчив к фузариозу, гоммозу, микроспориозу и болезню корневой гнилью.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: рассада, ветки, коробочка, агротехника, лист, цветок, крона, семя, волокно, дехканское и фермерское хозяйство, продуктивность.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: Комилов Рахматулло, преподаватель кафедры общей биологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.

MORPHOLOGICAL-BIOLOGICAL AND AGRO-ECONOMIC CHARACTERISTICS OF THE NEW FUTURE TYPE OF FINE FIBER COTTON 750-B

This article examines the morphological, biological and agricultural characteristics of the new variety of fine-fiber cotton 750-B, which was developed by A. Sanginov and B. Sanginov and proposed for zoning. It is noted that the fine-fiber variety 750-B is superior to all varieties grown in the country in all respects, and the results of laboratory and field tests showed that it is resistant to fusarium, gommosis, microsporium and root rot disease.

KEY WORDS: seedlings, branches, boll, agricultural technology, leaf, flower, crown, seed, fiber, dehkan and farming, productivity.

INFORMATION ABOUT THE AUTHOR: Komilov Rahmatullo, Lecturer at the Department of General Biology of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.

САҲМИ МУТАФАККИРОНИ АСРИМИЁНАГИИ ТОҶИКУ ФОРС ДАР РУШДИ ИЛМҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ

Раҳмонов Ҳ.О.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Қурбонов Д.М.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Аз ибтидои солшумории мелодӣ сар карда, рушди илму фарҳанг, бахусус фалсафа ва илмҳои табиатшиносӣ, агар гӯем аз Европа ба Осиёи Марказӣ ва Шарқ кӯч баст, иштибоҳ нахоҳад шуд. Албатта, дар байни садсолаҳои I-VII илму фарҳанг дар Осиёи Марказӣ ва дигар манотиқи тоисломии Шарқ, инчунин Ғарб ҷараён дошта рушд мекард. Аз садсолаи VIII ин тараф такомули он дар Осиёи Марказӣ назаррас мебошад. Дар тули салтанати Сомониён ва чанде пеш аз он дар қаламрави Осиёи Марказӣ марказҳои илмӣ зуҳур карда, мавқеи ҷаҳонӣ гирифтанд. Ахтарони пурҷилои илму фарҳанги ин даврон бо нури илми худ хуршедвор ҷаҳонро фаро гирифтанд.

Аз ҷумлаи ин ахтарони пурдурахши гунбази илму маърифат Абуалӣ ибни Сино, Ҳаким Абурайҳони Берунӣ, Абумаҳмуди Хуҷандӣ, Алхазинӣ, Мӯсои Хоразмӣ, Шоҳносири Хусрави Қубодиёнӣ ва дигарон мебошанд, ки феҳрасти осори илмии онҳо силсилаи тулониро ташкил медиҳад. Дар ин давра ҷабҳаҳои мухталифи илм, бахусус табиатшиносӣ ва дақиқ, дастовардҳои зиёде ба хазинаи илми дунё ворид намудаанд.

Закариёи Розӣ ҳар соҳаи кимиё шуғл варзида, ба нуқсони чашм дучор гардид ва барои табобати он ба тиб машғул шуда, дар ин ҷода ба мувафаққиятҳо ноил мешавад. Ӯ аввалин табибест, ки таърихчаҳои тиббиро поягузорӣ карда, 34 таърихномаи тиббӣ навиштааст. Закариёи Розӣ аҳли фалосифа ва илми равоншиносӣ буда, оид фалсафа ва илми равоншиносию робитаи онҳо фикрҳои возеҳ дорад. Ӯ дар соҳаи тарбияи нафсию ақлии одам ақидаҳои устувор дошта, онҳоро бо далелҳои раднашаванда асоснок сохтааст.

Абуалӣ ибни Сино яке аз ҳалқаҳои нодири силсилаи илми асримиёнагӣ буда, на танҳо вориси ҳақиқии Закариё, балки вориси табибони Ҳиндустон ва яке аз навоварони тиб шинохта шудааст. Асари ӯ «Ал қонун фит-тиб» китоби рӯимизии дилхоҳ корманди соҳаи тибби замони муосир мебошад. Ин ғаввоси укёнуси илм дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ мақоми хоса дошта, оид ба масоили қувваҳои табиат, истифодаи фашанг таҳқиқоти зиёдеро ба анҷом расонидааст. Ӯ дар соҳаи нуҷум, бахусус сохтори олам, кусуф ва хусуфи Шамсу Қамар, бурҷҳои ситорагӣ ва тарокумҳои он қаламкашиҳои рангин дорад.

Бояд тазаккур дод, ки Абуалӣ Ибни Сино ҳамчун гиёҳшинос ва маъҷунтайёркуни мумтоз шинохта шудааст. Ҳаким оид ба ҳар як шохаи илм рисолаҳои ҷудогона қаламкашӣ кардааст:

1. Ал қонун фит-тиб.
2. Курозаи табиот ва дигарҳо.

Ин рисолаҳои ӯ ба забонҳои гуногуни дунё гардонида шуда, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳаким аз аҳли фалосифа буда, яке аз аввалин тафсиргарони «Ал-маҷасти»-и Арасту мебошад.

Намояндаи барҷастаи илми садсолаҳои миёнаи Осиёи Марказӣ ва Шарқ Ҳаким Абурайҳони Берунӣ ҳамзамони Ибни Сино буда, ба ӯ дар соҳаҳои мухталифи илмҳои табиатшиносӣ ва минералогия ҳамкорӣ дорад. Дар боби ҳисобу ҳандаса (арифметика ва геометрия) дар «Китоб-ут-таҳфим» оид ба ҳар яке аз ин шохаҳо маълумоти муфассал додааст.

Абуалӣ ибни Сино дар рисолаи «Татимат-ат-наҷот» оид ба геометрия ва созишҳои геометрӣ нақша ва тафсиротҳое додааст, ки аз замони муосир тафовуте надоранд. Абурайҳони Берунӣ дар «Китоб-ут-таҳфим» оид ба созишҳои геометрӣ, давра ва диаметри он пешниҳодҳо намудааст. Ҳаким Абурайҳони Берунӣ дар рисолаи мазкур оид ба сохтори олам, бурҷҳои осмонӣ, ситораҳо ва тарокумҳои он, хосиятҳои бурҷҳо ва вобастагии онҳо ба тақдири инсон ҷадвалҳо тартиб дода, ин вобастагиро тақвият додааст. Ӯ оид ба маъданшиносӣ (минерология), нишонаҳои канданиҳои фоиданок ва роҳҳои ҳосил кардани онҳо маълумот додааст.

Ҳаким Абурайҳони Берунӣ дар бахши ҳандасаи рисолаи «Китоб-ут-таҳфим» оид ба созишҳои геометрӣ, тарафҳои секунҷа, баландӣ, кунҷҳо, хосияти кунҷҳо, ҳаракат, меҳвари ҳаракат масъалагузорӣ намуда, ҳалли онҳоро пешниҳод кардааст. «Дар бахши шумор» оид ба ададҳо, касрҳо, амалҳо бо касрҳо, реша, махраҷ, сурат ва дигар ҷузъҳои ифодаҳои математикӣ, ба хусус арифметика диққати махсус додааст. Дар ин асари худ Берунӣ бахши ҳолҳои осмону заминро қаламкашӣ намудааст. Дар ин бахш ӯ роҷеъ ба мавқеи Хуршеду Моҳ ва дигар ҷирмҳои

мунири осмонӣ мушоҳида ва таҳқиқот гузаронида, ҷадвалҳо тартиб додааст. Шарҳу баёни ҳаким оид ба кусуф ва хусуф, ба хусус таҚвимсозии ӯ аз замони муосир кам тафовут дорад.

Ҳаким Абурайҳони Берунӣ роҷеъ ба асбобҳои астрономия, аз ҷумла устурлоб ва истифодаи он дар мушоҳидаи осмони ситоразор, муайян намудани иртифои (баландӣ)-и ҷирмҳои мунир аз рӯи соя ва муайян кардани масофаи дастнорас таҷрибаҳо гузаронида, ба таври математикӣ муфассал ҳисоб кардааст. Ӯ яке аз ҷуғрофиядонҳои қавӣ буда, оид ба сохторҳо, масъалаҳои ба нақшадарории маҷмуии воситаҳои обёрикунии минтақаҳои замин бо истифодаи қонунҳои физикӣ (мутаассифона худи қонун баён нашудааст) корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Ба ақидаи ӯ дилхоҳ ҷирми мунир кусуф ва хусуф дорад, яъне гирифтан ва аз торикӣ, аз зери пардаи соя баромадан дорад. Бояд тазаккур дод, ки гирифтани дигар ҷирмҳои мунир, ки ба ҳисоби Абурайҳони Берунӣ дар тули шабонарӯз зиёда аз 200-то аст, аз сабаби дар хоб будани инсон аз чашм нопадид мемонад.

Дар давраи салтанати Оли Сомон алломаи бузург, барҷастатарин намояндаи аҳли тасаввуф, ҷуғрофиядон, файласуф, мунаҷҷим, сайёҳи бузург ва шоир Шоҳносири Хусрави Қубодиёнӣ зиндагӣ ва фаъолият дошт. Носири Хусрав аввалин олими табиатшиносе буд, ки оид ба се ҳолати агрегатии модда таҷриба гузаронида, нишон додааст, ки моддаҳо дар ҳолати газӣ (нафистар) моеъгӣ (нафис) ва сахт (касиф) буда метавонанд. Ӯ таҷрибаи соддаеро бо обу хок гузаронидааст. Дар як зарфи дарозгардан (гардандор), мумкин шиша ё қум-қума бошад хокро бо об маҳлул карда меандозаду даҳонашро маҳкам мекунад. Баъд аз як ё ду шабонарӯз даҳони зарфро мекушояд, ки аз дохилаш ҳаво мебарояд Ҳаким онро нафистар меномад, яъне хеле сабук, баъд зарфро вожгун медорад ва аз дохилаш оби соф меравад, инро нафис, яъне сабук меномад. Дар охир аз қаъри зарф лойи мунҷамид, яъне сахтшуда мебарояду онро касиф меномад, ки маънои вазнинро дорад. Рисолаи дар ҷабҳаи ҷуғрофия иншокардаи ӯ - «Сафарнома» худ шаҳодат медиҳад, ки Носири Хусрав шахси ҷаҳонгашта ва нигорандаи харита аст. Дар соҳаи нуҷум ҳамчун яке аз мунаҷҷимони бузург саҳмгузор буда, оид ба сохтори олам, мавқеи Хуршеду Моҳ ва дигар сайёраҳо ибрози сухан кардааст. Носири Хусрав қайд мекунад, ки ҳамаи аҷсоми нурафкан инъикоскунандагони нури Офтобанд, пас офтоб руҳи ин олам аст. Бо тулуи Офтоб олам мунаввар ва зоҳирчеҳра мешавад (албатта, як нимкураи замин аз нури офтоб мунаввар мешавад (Р. Ҳ., Қ.Д.). Аҳли башар, баҳоиму дад ва туюр (парандагон) аз хоб бедор гашта, олами наботот, гулу сабза ва дарахтон шукуфтатар мегарданд. Бояд тазаккур дод, ки ӯ низ монанди дигар олимону мутахассисони давронаш ақидаҳои Арасту ва Птоломейро тарафдор буда, ҳатто ҳатман дар маркази олам будани Заминро ногузир медонад. Ҳаким нуқтаҳои эътидоли Офтобро дар тули сайри солонааш дар гунбази фалак аз болои бурҷҳо 4 бахш кардааст. Этидоли баҳорӣ 22-24 март (Офтоб дар бурҷи барра), 22-24 июн эътидоли тобистона (Офтоб дар бурҷи саратон), 22-24, сентябр (Офтоб дар бурҷи Мизон), 22-24 декабр (Офтоб дар бурҷи Ҷаддӣ).

Носири Хусрав оид ба магнит ва хосиятҳои он фикру андешаҳои хоси худро дорад. Роҷеъ ба ин масъала ақидаашро чунин иброз доштааст:

«Яке аз хосиятҳои санги фулузкаш дар он аст, ки аз худ ангуштони борики ноаён бароварда, аз масофа фулузро мекашад…». Дар ин ҷо Носири Хусрав фулуз гуфта, фақат оҳанро дар назар дорад. Оид ба майдони магнитӣ маълумот надодаст, зеро дар он вақт оид ба майдони магнитӣ ҳатто маълумоти мавҳум ҳам мавҷуд набуд.

Дар замони салтанати Оли Сомон яке аз намояндаи барҷастаи илми Шарқ Ал-Хазинӣ ба ҳисоб мерафт. Ал-Хазинӣ дар замони Абуалӣ ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ зиндагӣ ва фаъолият дошта, бехабар аз онҳо дар соҳаҳои мухталифи илм таҳқиқот бурда, хулосаҳои пуарзиш баён кардааст. Хазини давомдиҳанда ва тавсифгари мероси илмӣ-фалсафии Арасту ва Гален мебошад. Ӯ ақидаҳои Галенро оид ба анатомияи чашм ва биниш бетағйир қабул карда, вале рӯшноии чашмро сарфи назар кардааст. Хазини оид ба оптикаи чашм якчанд постулатҳо дорад.

Дар постулати якумаш чунин ақида изҳор кардааст:

«Рӯшноии табиӣ ва нурҳои рӯшноӣ ба чашм таъсир мекунад». Ӯ ин постулатро бо мушоҳидаҳо таҚвият дода менависад: «…чашм ҳангоми ба он афтидани нури рӯшноии Офтоб ё инъикоси он аз оина ба дард медарояд». Дар зери мафҳуми рӯшноии табиӣ Хазини рӯшноии сафедро дар назар дошта, нурҳои рӯшноии аз ашё (рангҳо) инъикосшударо мефаҳмад. Мутафаккир бо ёрии таҷрибаҳои гузоштааш, ки табиати физикӣ-физиологӣ доранд, номустаҳкамии фарзияҳоро оид ба рӯшноии ба чашм афтанда ва аз ҷисми ламсшаванда инъикосшударо нишон додаст. Ӯ сохти анатомии чашмро ба монанди Гален шарҳ дода, ба хулосаи зерин меояд:

«Шакли биниш бо ёрии нурҳои аз чисмҳои дидашаванда пайдошуда, яъне инъикосшуда ба чашм меафтад». Ал-Хазинӣ пайдошавии шакли предметҳоро дар чашм ба таври зайл шарҳ медиҳад: «… Ба ҳар яке аз нуқтаҳои чисми муоинашаванда ягон нуқтаи қабулкунандаи чашм рост меояд.

Ба ақидаи Ҳазинӣ: «…аз ҳамаи нурҳои ба чашм афтанда фақат як нури ба ҳамаи қабатҳои чашм перпендикуляр афтанда таъсир мерасонад ва ин нур пурра мутамарказонидашуда номида мешавад».

Хулоса, дар замони салтанати Сомониён илму маърифат дар Осиёи Марказӣ ва қаламрави ин сулола хеле рушду нумуъ карда, ба хазинаи илм барои наслҳои ояндаи башар гавҳарфишонӣ шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки лаҳни иншои ҳамаи қаламкашҳои асрҳои миёна сирф дарӣ буда, ба забони муосир на он қадар мувофиқат мекунад. Аз ин лиҳоз, зарур донистем, ки барои фаҳмотар шудани ақоиди мутафаккирони пешгузаштаи форсу тоҷик онро бо лаҳн ва забони муосир наздиктар намоем.

АДАБИЁТ:

1. Абуали Ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷилди 4. – Душанбе: Ирфон, 1992.
2. Абурайҳони Берунӣ. Китоб-ут-таҳфим. – Душанбе: Дониш, 1973.
3. Закариёи Розӣ. Тибби руҳонӣ.
4. Таърихи фалсафаи тоҷик (курси лексия). – Душанбе: Маориф, 1998.
5. Носири Хусрав. Куллиёт. – Душанбе: Ирфон, 1991.

САҲМИ МУТАФАККИРОНИ АСРИМИЁНАГИИ ТОҶИКУ ФОРС ДАР РУШДИ ИЛМҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ

Дар ин мақола дар хусуси якчанд олимони машҳури асримиёнагии тоҷику форс Закариёи Розӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Носири Хусрав ва чанде дигарон маълумот дода шудааст. Қайд мегардад, ки ин олимон дар рушди илмҳои табиатшиносии замони зуд саҳми арзанда гузоштаанд. Бисёр кашфиёте, ки аз тарафи онҳо сурат гирифтааст, ба таҳқиқоти олимони асрҳои минбаъда шабоҳати наздик доранд.

КАЛИДВОЖАҲО: фалсафа, табиатшиносӣ, химия, равоншиносӣ, бурҷҳо, геометрия, секунҷа, ҳаракат, мунаҷҷам, анатомия.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН: Раҳмонов Ҳомид Обидович, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Қурбонов Диловаршо Мирзоевич, саромӯзгори кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

ВКЛАД ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИХ СРЕДНЕВЕКОВЫХ УЧЕНЫХ В РАЗВИТИИ ЕСТЕСТВОЗНАНИЯ

В данной статье речь идёт о некоторых известных средневековых таджикско-персидских учёных Закарии Рази, Абу Али ибн Сине, Абу Райхане Беруни, Носире Хусраве и др. Отмечается, что эти ученые внесли значительный вклад в развитие естествознания современной эпохи. Многие открытия, сделанные ими, имеют близкое сходство с исследованиями ученых последующих столетий.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: философия, естествознание, химия, психология, созвездия, геометрия, треугольник, движение, астрология, анатомия.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ: Рахмонов Хомид Обидович, кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания физики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.

Курбонов Диловаршо Мирзоевич, ст. преподаватель кафедры общей и теоретической физики Кулябского государственного университета имени Абуабдулло Рудаки.

THE CONTRIBUTION OF TAJIK-PERSIAN MEDIEVAL SCIENTISTS TO THE DEVELOPMENT OF NATURAL SCIENCE

This article talked about some famous medieval Tajik-Persian scientists Zakaria Razi, Abu Ali ibn Sina, Abu Rayhan Beruni, Nosiri Khusrav. It is noted that these scientists made a significant contribution to the development of natural science in the modern era. Many of the discoveries they made bear close resemblance to the research of scientists of subsequent centuries.

KEY WORDS: philosophy, natural science, chemistry, psychology, constellations, geometry, triangle, movement, astrology, anatomy.

INFORMATION ABOUT THE AUTHORS: Rahmonov Homid Obidovich, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Methods of Teaching Physics of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.

Qurbonov Dilovarsho Mirzoevich, Senior Lecturer at the Department of General and Theoretical Physics of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.

САҲМИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР РУШДИ ИЛМИ ХИМИЯ

Қувватов Ф.М.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Инкишофи илми химия дар Шарқи асримиёнагӣ бо номи файласуф, табиатшинос, табиб ва адиби бузурги тоҷик Абуалӣ ибни Сино вобаста мебошад, ки мо дар ин ҷо ба таҳлили фаъолияти эҷодии ӯ мепардозем.

Абуалӣ ибни Сино (980-1037), яке аз олимони машҳури Шарқ буда, дар тараққиёти илми ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоштааст. Таҳқиқоти ӯ дар соҳаи фалсафа, адабиёт, риёзӣ, ҳуқуқшиносӣ, табиатшиносӣ ва хусусан тиб арзиши баланд доранд. Бесабаб нест, ки Абуалӣ ибни Сино дар ҷаҳон бо номи лотинишудаи «Авиценна» машҳур мебошад.

Осори Абуалӣ ибни Сино ниҳоят зиёд аст. Ӯ бештар аз чаҳорсад асар навиштааст, ки аксари онҳо, мутаассифона, аз байн рафтаанд. Аз асарҳои мавҷуда ва дастрасшудаи олим, алалхусус «Китоб-уш-шифо», «Китоб-ун-наҷот», «Ал-ҳосил-вал-маҳсул», «Ишорот ва танбеҳот», «Донишнома», «Ал-қонун фи-тиб» ва ғайра аҳамияти бузурги таърихӣ, маданӣ ва илмӣ доранд.

Абуалӣ ибни Сино натанҳо файласуф, инчунин табиатшиноси бузурги таҷрибакор низ буд. Ӯ ҳодисаҳои гуногуни табиатро ба таври илми шарҳ дода, ғояҳои аҳамияти амалию назарявидоштаро пеш гузоштааст. Дар соҳаи илми табиатшиносӣ, бахусус об, ҳаво, оташ, хок ва олами зиндаро ба доираи таҳқиқ кашида, робита ва таъсири мутақобилаи унсурҳои табиатро ошкор ва дар ҳолати давргашт будани онҳоро шарҳ додааст. Хусусан, хизмати Абуалӣ ибни Сино дар илми тиб ниҳоят бузург аст. Вай дар «Ал-қонун фи-тиб» ва дигар асарҳояш комёбиҳои тибби ҳиндуён, юнониён, эрониён, арабҳоро ҷамъбаст намуда, илмҳои тибби замонаашро хеле инкишоф дод ва онҳоро бо кашфиёти нави худ пурра кард. «Ал-қонун фи-тиб»-и ӯ дар асрҳои минбаъда манбаи донишҳои тиббӣ ва китобии дарси табибони Ғарбу Шарқ ба шумор мерафт.

Хизматҳои Абуалӣ ибни Сино дар доираи илмҳои дорушиносӣ (фармакология), дорусозӣ (фарматсевтика) ва муайян кардани хосияти давоҷот (формакогнезия) бисёр калон аст. Дар «Ал-қонун» 811 навъи доруҳои гуногун тавсиф шуданд, ки 70 номгӯи онҳо ҳоло дар амалияи тиб истифода мешавад. Масъалаҳои фармакологӣ, ки олим баён кардааст, барои омӯзиши таърихи химия аҳамияти муҳим доранд. Аксари доруҳои нишондодаи Абуалӣ ибни Сино моддаҳоеанд, ки аз растаниҳои гуногун тайёр шудаанд. Инчунин, номгӯи доруҳое, ки таркибан ба моддаҳои ғайриорганикӣ мансубанд, дар «Ал-Қонун» кам нестанд.

Олими рус А.Ч. Борисов ба таҳқиқоти Абуалӣ ибни Сино чунин баҳо додааст: «Ибни Сино аз ҷумлаи олимонест, ки нақши онҳо барои тараққиёти илму маданият ва фалсафа ва тиб дар Аврупо ниҳоят калон аст ва ҳеҷ гоҳ аз хотир фаромӯш нахоҳанд шуд».

Бино ба маълумоти мавҷуда зиёда аз 100 асари Абуалӣ ибни Сино то ба замони мо расидааст, ки 58 асар оид ба фалсафа, 20 асар оид ба илми тиб, 2 асар оид ба табиатшиносӣ ва 4 асар оид ба назм баҳс мекунанд. Асари асосии Абуалӣ ибни Сино, ки ӯро дар ҷаҳон машҳур гардонидааст «Ал -Қонун» мебошад, ки он аз 5 ҷилд иборат аст.

Бояд гуфт, ки Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи химия ягон асари алоҳида таълиф накардааст, лекин дар як қатор асарҳои безаволи худ ба монанди «Китоб-уш-Шифо», «Қурозаи табиат», «Рисолаи феълу инфиол», «Ал-қонун фи-тиб», «Рисолаи ал-маодӣ» ва ғайра ба ин соҳа дахл менамояд. Масалан, дар ҷилди панҷуми «Ал-қонун» оид ба тарзи дарёфту ҳосил, тоза кардани нуқра, тилло, мис, қалъагӣ, сурб, оҳан, сулфур, оксиди оҳан (III), гипс, навшодир, купоросҳо, сурма ва ғайра маълумот дода, инчунин хосиятҳо ва тарзи истифода намудани онҳоро зикр намудааст.

Ҳангоми таҳқиқ намудани моддаҳо, Абуалӣ ибни Сино ба об аҳамияти калон додаст. Ӯ обро ҳамчун офаранда, вайронкунанда ва ҳалкунандаи ҳамаи дигар ҷисмҳо ҳисобидааст. Дар мавридҳои алоҳида ҳалшавии ягон моддаро дар об аз як шакл ба шакли дигар мубаддалшавӣ мешуморид. Азбаски дар об фулузоти гуногун ба андозае ҳал мешаванд, Абуалӣ ибни Сино ба обҳои минералӣ диққати махсус додаст. Масалан, ӯ қайд мекунад, агар дар обҳои минералӣ миқдори муайяни тилло ва нуқра ҳал шуда бошанд, чунин обҳо ба организм таъсири хуб мерасонанд. Инчунин олим дар бораи оби муқаттар, яъне оби бо усули буғронӣ тозакардашуда, ки хосияти хуби ҳалкунандагӣ дорад, маълумот додаст. Абуалӣ ибни Сино ҳангоми тайёр кардани доруҳо аз оби муқаттар истифода мекард, Ӯ дар бораи тарзи тайёр кардани оби муқаттар, фарқи он аз оби муқаррарӣ ва хосиятҳои онҳо маслиҳатҳои муфид додаст.

Масалан, вай ба ақидаи алхимиявии табдилёбии фулузоти ғайриасил ба фулузоти асил зид баромада, нуқтаи назари худро баён кардааст. Абуалӣ ибни Сино проблемаи асосии алхимияро дар бораи аз фулузоти химиявӣ ҳосил кардани фулузоти қиматбаҳо, ки бисёр алхимикҳо ба он боварӣ доштанд, сахт танқид карда буд. Алхимикҳо, - гуфта буд ӯ, - хулосаҳое ҳосил мекунад, ки фақат намуди зоҳирии онҳо ба фулузоти асил монанд аст, лекин онҳо тилло ва нуқра нестанд. Имконияти мубаддалшавии як фулузот ба фулузоти дигар то ҳол ба ман ноаён аст, ман инро имконнопазир мешуморам, чунки барои ин кор як роҳи муайяне нест».

Аммо як нуқтаро қайд кардан лозим аст, ки Абуалӣ ибни Сино мубаддалшавии як намуди баъзе фулузотро ба дигар фулузот имконнопазир шуморидааст. Шояд ӯ дар ин ҷо хосияти дар амал ҳосил намудани фулузотро дар назар дошта бошад. Олим оид ба хосиятҳои симоб маълумот дода менависад, ки симобро бо сулфур пайваста киновар ҳосил кардан ва баръакс аз киновар бо роҳи вайрон кардани сулфур ва симоби холисро ҳосил намудан мумкин аст. Ӯ оид ба бухоршавии симоб, захрнокӣ ва тарзи истифодаи он барои муолиҷаи касалиҳои гуногуни пӯст маслиҳатҳо додаст.

Абуалӣ ибни Сино аз рӯи фаҳмиши худ ва вобаста ба тасаввуроти ҳамон замон, инчунин дар бораи дигар фулузот аз ҷумла оҳан, мис, сурб, қалъагӣ ва нуқра маълумот медиҳад, Ӯ мис ва пайвастагиҳои онро барои тайёр кардани марҳамҳо бо мақсади муолиҷаи бемориҳои касалии чашм ва пӯст истифода мебарад. Инчунин, дар бораи оҳан сухан ронда менависад, ки агар оҳани зангзадаро дар сирко ҳал карда, ҷӯшонем ва маҳлули онро полида гирем, барои касалии гӯш даво аст. Яъне, Абуалӣ ибни Сино атсетати оҳанро ҳамчун доруи дарди гӯш тавсия намудааст. Чи хеле маълум аст, ҳоло дар тибби муосир аз пайвастагиҳои оҳан барои муолиҷаи як қатор касалиҳо, аз ҷумла анемия (камхунӣ) истифода менамоянд. Ба нуқра, аз назари ӯ хосияти хушккунӣ хос мебошад. Агар хокаи нуқраро бо доруҳои дигар омехта, ба ҷароҳат бандем, дар ҷароҳат моеоти ғализ ва фасод ҷамъ намешавад.

Абуалӣ ибни Сино аввалин бор пайвастшавии сулфурро бо фулузот омӯхта, аз хосиятҳои пайваст шудани сулфур барои муолиҷаи зиққи нафас, касалиҳои гӯш ва худи сулфурро барои тайёр кардани доруҳо дар мавриди бемориҳои пӯст, дил, гӯш, шуш ва ҷигар истифода бурдааст. Агар мо гӯем, ки Абуалӣ ибни Сино дар қатори дигар кашфиётҳояш инчунин кашшофи карболен (хосияти адсорбсионии ангишт) аст, хато нахоҳем кард. Зеро ӯ ба одамоне, ки даҳондард шуда буданд ва милки дандонашон варам мекард ё худ даҳонашон бӯй мекард, ангишти чӯбро тавсия кардааст. Маълум аст, ки дар ин маврид ангишти чӯб моддаҳои захри дандону даҳонро ҷабида мегирад ва даҳон тоза мешавад.

Асарҳои илмии Абуалӣ ибни Сино оид ба истифодаи растаниҳои шифобахш ва тарзи тайёр кардани доруворихои гуногун низ аҳамияти оламшумули таърихӣ доранд. Аз растаниҳои номбаркардаи ӯ дар тибби ҳозира бисёр истифода мебаранд. Аз баъзеи ин растаниҳо дар саноат ба миқдори зиёд доруворӣ истеҳсол мекунанд.

Абуалӣ ибни Сино сифату хосиятҳои обро низ басо дақиқназарона ба қалам дода, чунин навиштааст: «Об эҷодкунанда, маҳлулкунанда, пайвандкунанда ва харобкунандаи ҷисмҳост». Ин тавсифот хосияти универсалӣ дошта, ба хок низ пурра дахл дорад. Чуноне аз омӯзиши дигари илмҳо бармеояд воқеан об хосияти эҷодкунанда дорад.

Ба ин тариқ, метавон гуфт, ки дар пайдоишу инкишоф ва рушду нумуи илми химия олимони Шарқи асримиёнагии форсу тоҷик низ, ба хусус Абуалӣ ибни Сино саҳми бағоят калон гузоштаанд.

АДАБИЁТ:

1. Қурбонов Б.Р. Аз таърихи инкишофи илми кимиё дар мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Миёна (дар асрҳои IX-XI): дисс. докт. ист. наук. – Душанбе, 2012. – 236 с.
2. Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 448 с.
3. Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 478 с.
4. Холназаров С., Ҳакимов О. Асосҳои методикаи таълими химия (қисми 1). – Душанбе, 2009.

САҲМИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР РУШДИ ХИМИЯ

Дар мақола қайд гардидааст, ки Абуалӣ ибни Сино дар рушди илмҳои табиатшиносӣ, ба хусус химия саҳми беандоза гузоштааст. Ба қавли муаллиф, Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи химия ягон асари алоҳида таълиф накарда бошад ҳам, вале дар як қатор асарҳояш ӯ дар хусуси тарзу усулҳои ҳосил кардан ва тоза намудани нуқра, тилло, мис, қалъагӣ, сурб, оҳан, сулфур ва ғайра маълумот додааст. Яке аз ақидаҳои пешқадами Абуалӣ ибни Сино ин аст, ки ӯ ба назарияи алхимия муқобил баромада, аз фулузоти ғайриасил ҳосил намудани фулузоти асилро инкор кардааст.

КАЛИДВОЖАҲО: растанӣ, нуқра, тилло, мис, оҳан, модда, обҳои минералӣ, организм, оби муқаттар, бемории чашм, сулфур, ангишт.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ: Қувватов Файзиддин Мирзомуродович, омӯзгори кафедраи биологияи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

ВКЛАД АБУ АЛИ ИБН СИНА В РАЗВИТИИ ХИМИИ

В статье отмечается, что Абу Али ибн Сина внес огромный вклад в развитие естественных наук, особенно химии. По мнению автора, Абу Али ибн Сина не написал каких-либо отдельных работ в области химии, но в ряде своих работ дал сведения о способах и методах получения и очистки серебра, золота, меди, олова, свинца, железо, сера и т. д. Одна из ведущих идей Абу Али ибн Сины состоит в том, что он выступал против теории алхимии и отрицал получение золота из других элементов.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: растение, серебро, золото, медь, железо, вещество, минеральная вода, организм, дистиллированная вода, глазные болезни, сера, уголь.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: Кувватов Файзиддин Мирзомуродович, преподаватель кафедры общей биологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.

CONTRIBUTION OF ABU ALI IBN SINA TO THE DEVELOPMENT OF CHEMISTRY

The article notes that Abu Ali ibn Sina made a huge contribution to the development of natural sciences, especially chemistry. According to the author, Abu Ali ibn Sina did not write any separate works in the field of chemistry, but in a number of his works he gave information about the methods and methods of obtaining and purifying silver, gold, copper, tin, lead, iron, sulfur, etc. One of the leading ideas of Abu Ali ibn Sina is that he opposed the theory of alchemy and denied the production of gold from other elements.

KEY WORDS: plant, silver, gold, copper, iron, substance, mineral water, organism, distilled water, eye diseases, sulfur, coal.

INFORMATION ABOUT THE AUTHOR: Quvvatov Fayziddin Mirzomurodovich, Lecturer at the Department of General Biology of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.

АЗ ТАЪРИХИ РЕАКСИЯҲОИ ИДОРАШАВАНДАИ ТЕРМОЯДРОӢ

Назаров Қ.А., Абдураҳимова С.А.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Рушду пешравии ҷамъияти инсонӣ дар айни замон бе истифодаи шаклҳои гуногуни энергия ғайриимкон аст. Манбаҳои анъанавии энергия дар тамоми ҷаҳон ангишт, нефт ва газ мебошанд. Мувофиқи маълумоти дар сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ва илмӣ-оммавӣ пешниҳодшаванда ин манбаъҳо боз то 40-50 сол ба қонеъ гардонидани талаботи одамон дар замин кифоягӣ мекунанд. Манбаи аввалини знергия Офтоб ва баъдӣ манбаъҳои навшавандаи энергия (шамол, энергияи оби равон, мадду ҷазр ва ғ.) дар ҳолати маҳдудият нагузоштан ба масрафи боақлонаи энергия, ба баланси умумии энергия он қадар ҳиссаи калон гузошта наметавонанд. Дар оянда манбаи аз ҳама муҳимми энергия энергияи ядроӣ ва термоядроӣ шуда метавонанд.

Реаксияи термоядроӣ ин реаксияи синтезии ядроҳои атомҳо мебошад, ки дар ҳарорати фавқулбаланд мегузарад ва мумкин аст дар ояндаи наздик манбаи боэтимоди энергия гардад. Истифодаи реаксияи термоядроии идорашаванда дар ҳосил кардани энергия барои хоҷагии халқ манфиати калон дорад. Дар раванди реаксияҳои термоядроӣ энергияи беҳад бузург дар шакли гармӣ ва рӯшноӣ ҷудо мешавад. Ҳангоми бавуҷудоии ядрои гелий аз якҷояшавии ду дейтон миқдори 24 Мэв энергия ҷудо мешавад. Массаи дейтонро дониста муайян кардан мумкин аст, ки дар як килограмм дейтерий $1{,}5\cdot10^{26}$ ҷуфти ядроҳои пайвастшаванда мавҷуд аст. Энергияе, ки аз як килограмм дейтерий хориҷ мешавад ба $1{,}5\cdot10^{26}\cdot24=3{,}6\cdot10^{27}$Мэв$=1{,}62\cdot10^{8}$ Квт· соат баробар аст.

Дар як литр об ҳамон миқдори изотопҳои дейтерий мавҷуданд, ки ҳангоми реаксияи термоядроӣ аз онҳо тақрибан 6100 Квт.соат энергия хориҷ мешавад. Ҳангоми гузаштани реаксияҳои термоядроӣ ҳарорати фавқулбаланд ҳосил мешавад. Барои саршавии реаксияи термоядроӣ дейтонҳоро то ба масофаи 3.10^{-13}см ба ҳамдигар наздик кардан лозим аст. Дар ин масофа энергияи потенсиалии таъсири байниҳамдигарии онҳо ё кори барои наздикшавии онҳо иҷрошуда ба $U=(4{,}8\cdot10^{-10})^2/3\cdot10^{-13}$(г·см^3/с·см)$=7{,}7\cdot10^{-7}$эрг$=4{,}8\cdot10^{5}$ эв баробар аст.

Агар ҳангоми бархӯрди ду дейтон синтези онҳо ба амал ояд коре иҷро мешавад, ки энергияи ҳаракати ҳароратии ҳар яки онҳо нисфи ин бузургиро ташкил медиҳад:

$1/2\cdot(4{,}8\cdot10^{5}\cdot1{,}6\cdot10^{-19})=1{,}5\cdot1{,}38\cdot10^{-23}$T ; $1/2\cdot(7{,}68\cdot10^{-14}$Ҷ$)=2{,}07\cdot10^{-23}$T.

$T=1{,}86\cdot10^{9}$K.

Якумин маротиба реаксияҳои термоядроӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ дар намуди бомбаи атомӣ санҷида шуд, ки реаксияи он чунин аст:

$$H_1^2+H_1^3=H_{e2}^4+n_0^1 \ (17{,}5\text{Мэв}).$$

Заряди бомбаи термоядроӣ аз изотопҳои вазнини гидроген, дейтерий ва тритий иборат аст ва барои он ки ин реаксия гузарад, ҳарорати фавқулбаланд лозим аст. Ҳангоми таркиши як бомбаи ядроӣ ҳамин қадар миқдори энергия ҷудо мешавад, ки он ба миқдори энергияи таркиши миллионҳо тонна моддаҳои тарканда баробар аст. Соли 1964 физикҳои шуравӣ якумин маротиба плазмаи устувори тафсони ҳарорташ 10^{70}К-ро дар муддати вақти 0,01 сония муаллақ дар фазои зарурӣ нигоҳ дошта тавонистанд. Дар неругоҳои атомии муосир ҳамчун «сӯзишворӣ» уран (ё плутоний)-ро истифода мебаранд, тақсимшавии ядроҳо ба озодшавии энергияи дохилиядроӣ мегузарад. Бори аввал вокуниши синтези ҳастаӣ дар бомбаи термоядроӣ истифода шуд. Одамон ба даст овардани қобилияти назорати реаксияи оромонаи идорашавандаи термоядроиро омӯхтан имконияти ба кор бурдани онро дар шароити заминӣ соҳиб мешаванд. Замин дар обҳои худ захираҳои калони унсурҳои сабуки H_1^1, H_1^2, H_1^3-ро дорад. Маҳз ҳамин ҳадаф, ба даст овардани имконияти назорат аз болои реаксияи синтези ядроҳои Д ва Т мебошад, ки роҳи муассиртарини истихрочи энергияи ядроӣ аз унсурҳои сабук буда, кӯшиши олимони бисёр лабораторияҳои ҷаҳон ба он бахшида шудааст.

Реаксияҳои синтези ядроӣ дар байни изотопҳои гидроген метавонад ба вуҷуд ояд. Реаксияи якҷояшавии ду ядрои дейтерий хеле ҷолиб аст, чунки дар оби одӣ дейтерий хеле зиёд мавҷуд буда, онро аз об баровардан душвор нест ва мувофиқан ҳисоб кардани захираҳои энергияи ядроӣ дар оби одӣ амалан беохир аст. Мутаассифона, раванди омезиши ядрои дейтерий ва тритий ба таври хостаи мо ҷараён намегирад ва идоранашаванда аст. Баъди тавлидшавии гелий ва нейтрон дар реаксияи ядроӣ онҳо бо суръати баланд аз ҷои реаксия ба ҳар тараф пош меҳӯранд (масалан, суръати нейтрон тақрибан 50 ҳазор км/с аст). Энергияи кинетикии онҳо реаксияи баромади энергетикиро ташкил медиҳад. Тритий радиоактив буда ядроҳои он ноустуворанд ва коҳиш меёбанд. Аз ин рӯ, дар рӯи замин амалан тритий вуҷуд надорад. Аммо тритийро бо истифода аз нейтронҳои баландсуръат аз литий ҳосил кардан мумккин аст, ки ҳангоми реаксияҳои D+T ба вуҷуд меоянд. Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки тритий ба миқдори зарурӣ метавонад ба осонӣ аз литий дар ҳамон реактори термоядроӣ таҷдид карда шавад. Дар реакторе, ки дар он реаксияи «сӯзиш»-и дейтерий бо тритий сурат мегирад. Ҳамин тариқ, реаксияи ба D+T асосёфта захираҳои «сӯзишворӣ»-и он бо захираҳои литий муайян карда мешавад. Энергияи ин захираҳо дар рӯи замин ба ҳисоб гирифта шудаанд, тақрибан ҳамон қадар аст, ки чӣ қадар захираҳои сӯзишвории вазнин (уран, торий) барои реакторҳои анъанавии ҳастаӣ лозиманд, яъне онҳо садсолаҳо кор хоҳанд кард ва захираҳои кимиёвии сӯзишворӣ мумкин аст, хеле пештар ба итмом расанд.

Реаксияҳои синтези ядроӣ ба реаксияҳои химиявӣ шабоҳат доранд ва дар ин ҷо танҳо ба ҷои пайвастшавии атомҳо пайвастшавии ядроҳо рух медиҳад.

Реаксияҳои термоядроӣ танҳо дар ҳарорати фавқулбаланд сурат мегиранд. Ҳамин тавр, барои омехтаи дейтерий ва тритийи зуд «оташгиранда», ҳарорат бояд 50 млн. дараҷа бошад. Шарти заруртарин дар реаксияи термоядроӣ ин гармкунии гидроген то даҳо млн. дараҷа аст. Дар шароити замини чи тавр ҷисмҳои ҳарорташон аз ҳарорати маркази офтоб зиёдбударо нигоҳ дошт? Барои ин сохти таъсири майдони магнитиро пешниҳод намуданд. Фарқ миёни ҳолати газӣ ва ҷисмҳои дар ҳарорати фавқулбаланд дар ҳолати плазмабуда, дар он аст, ки дар плазма атомҳо ба электронҳо ва ионҳо (ядро) ҷудо мешаванд. Ба электронҳо ва ионҳо бо майдони магнитӣ таъсир расонидан мумкин аст. Дар майдони магнитӣ зарраҳои заряддор аз рӯи масири спиралӣ ҳаракат мекунанд, ки дар хатҳои қуввагӣ печидаанд. Бо истифодаи ин эффект онҳо аз деворҳои токамак изолятсия карда мешаванд, ки онро доми плазмагии магнитӣ меноманд. Аз нуқтаи назари самаранокии нигоҳдории плазма токамак афзалиятҳои назаррас дорад токамак (аз ҳарфҳои аввали ибораи русии «тороидальная камера с магнитным полем» («камераи тороидшакли дорои майдони магнитӣ»), навъе аз домҳои магнитӣ барои ҳосил кардан ва нигоҳ доштани плазмаи баландҳарорат бори аввал дар СССР сохта шудааст. Яке аз ташабускорони машҳури он дорандаи мукофоти Нобелӣ дар соҳаи сулҳ, акамедик А. Сахаров мебошад. Дар токамак, плазма шакли ҳалқаро дорад, ихрочи зарраҳо дар баробари майдони магнитӣ вуҷуд надоранд: майдон дар торус баста мешавад. Аз ин рӯ, барои ба девор расидан, зарраҳо бояд дубора аз як хатти қуввагӣ ба хатти дигари қуввагӣ ҷаҳида, дар ҷаҳишҳо, то вақте ки зарраҳо бо ҳам бархӯранд суръат мегиранд, агар андозаи плазма калонтар бошад, барои зарба хӯрдан ба девор вақти зиёдатӣ лозим мешавад.

Ба ибораи дигар, дар доми пӯшида, хусусан дар токамак, вақти нигоҳдории зарраҳо бо андозаи плазма зиёд мешаванд ва пас, як роҳи хеле содаи беҳтар кардани он вуҷуд дорад: насб (дастгоҳ)-ро калон кардан лозим аст. Ин хулосабарорӣ аз ҷониби бисёр олимон тасдиқ ва санҷида шудааст. Аз ҷумла, онро барои барпо намудани калонтарин дастгоҳи термоядроии Токамак-10 (Т-10) ҳамчун асос қабул карданд. Аввалин силсилаи таҷрибаҳо дар Т-10 дурустии пешниҳоди назариявӣ ва таҷрибавиро тасдиқ карданд. Параметрҳои ченкунии плазма мувофиқи пешгӯиҳои назариявӣ дуруст баромад. Дар Т-10 дар импулс (набз)-ҳо плазма дар ҳарорати тақрибан 7-8 миллион дараҷа ҳосил шуда, зичии он тақрибан ба 10^{14} зарра/см^3 баробар мешавад. Ин зичӣ барои реакторҳои оянда кифоя буд ва ҳарорат бояд 10 маротиба зиёд карда шавад ва ин бо усулҳои иловагии гармидиҳӣ мумкин аст. Дар мавриди нигоҳдорӣ вақти энергияи гармӣ, ин дар Т-10 тақрибан 0,06 сонияро ташкил медиҳад, барои реакторҳо ин вақт бояд 10-15 маротиба бештар бошад, маҳз дар робита ба ин, лозим аст, ки андозаи насбро зиёд кунанд Дар замони ҳозира пешбинӣ шудааст, ки реакторҳои токамак ҳамон андозаеро дошт бошанд, ки алҳол он андозаро доранд. Дар реакторҳои токамак реаксияи термоядрой бояд дар шакли сӯзиши ороми омехтаи дейтерий-тритий ҷараён дошта бошад.

Аз се параметри зарурии баҳодиҳӣ (ҳарорат, зичӣ, вақти нигоҳдорӣ), ки ҳар яке аз ҳам ҷудо ё ҳатто дар якҷоягӣ бо яке аз дутои дигар лозим аст. Мушкилоти асосӣ расидан ба ҳар се ҷуфти параметрҳо дар як озмоиш мебошад. Аз рӯи суръати пешрафти илми замони ҳозира аз эҳтимол дур нест, ки дар давоми чанд соли оянда ин ба даст ояд. Энергияи термоядрой ба мо чӣ дода метавонад, оё онро дар ояндаи наздик истифода бурдан мумкин аст?

Тавре дар боло зикр гардид, дар натиҷаи якҷояшавии ядроҳои дейтерий ва тритий, ядрои гелий (алфа-зарра) ва нейтрон ҳосил мешавад. Реаксияҳои термоядрой ба намуди энергияи кинетикии сӯзишворӣ дода мешавад, ки 80 фоизи энергияи синтез ба нейтрон рост меояд. Алфа-зарра дар дохили плазма монда, энергияи кинетикии худро барои гармкунии он сарф мекунад. Нейтронҳо бошад бе мамониат (майдони электрикӣ ва магнитӣ ба он таъсир намерасонад) аз ҳаҷми плазма ба берун мебароянд. Ҳамин тавр, энергияи реаксияи термоядрой асосан ба энергияи нейтронҳои баландсуръат табдил меёбад. Барои ин плазмаи D+T бо пардаи тунук бояд печонида шуда бошад ва энергияи нейтрон фурӯ бурда шуда, ба гармӣ табдил дода мешавад. Ин пардаро бланкет (аз вожаи англисӣ - курпа) меноманд. Дар бланкетҳо каналҳо барои ҷамъ кардани энергияи тормозхӯрии нейтронҳо ҳосилшуда лозим мебошанд.

Дар реакторҳои аввал истифодаи энергияи гармии об ба буғ табдил дода мешавад, энергияи кинетикии буғ барои ҳосил кардани энергияи барқӣ истифода мешавад, яъне энергияи гармӣ дар шакли энергияи гармигузаронӣ ба об дода мешавад, дар контури дуюми баргарданда онро дар зери фишор ба буғ мубаддал месозанд ва буғи фишори баланддошта турбина ва генераторҳоро давр занонида, ҷараёни электрикӣ ҳосил мекунанд. Ёдовар мешавем, ки дейтерий дар табиат мавҷуд аст, вале тритий дар табиат вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки реактор дар омехтаи дейтерий-тритий кор кунад, омехтаи дейтерий-тритий, барои худ тритий тавлид мекунад. Барои ҳосил кардани тритий аз ҳама мувофиқ реаксияи таъсири байниҳамдигарии нейтрон ва литий мебошад. Аз ин рӯ, «сӯзишворӣ»-и аввал барои реактори термоядрой дейтерий ва литий мебошанд, ки дар кураи замин захираи онҳо барои ҳосил кардани миқдори беохири энергия басанда аст. Аз ҷумла, чунон ки мо дар боло қайд кардем, захираҳои энергияи ядрой дар литий тақрибан ба захираҳои энергетикии уран баробар аст. Дар айни замон реакторҳои термоядрой чунин афзалиятҳо ва имкониятҳои иловагӣ дошта метавонанд:

1. Бехатарии баландтари ядроиро доранд ва имкон медиҳанд, ки мушкили ҷойгиркунии онҳо сода карда шуда, дар наздикии шаҳрҳо ва маҳалҳои сераҳолӣ сохта шаванд.

2. Бо интихоби дурусти маводи реаксияи термоядрой реактор метавонад хеле кам партовҳои радиоактивӣ ҳосил кунад, вақти кутоҳи даври нимкоҳиш дошта бошад, чун реакторҳои тақсимшаванда мушкилоти партовҳоро кам кунад.

3. Реактори синтезӣ метавонад дар воҳиди вақт нейтрони бештар ҳосил карда, ба ин васила қобилияти истеҳсол ва табдил додани дигар унсурҳоро доро бошад.

4. Энергияи реактор дар асоси синтези нейтронҳои баландсуръат ҷудо мешавад.

Дар айни замон олимон дар соҳаи реаксияи термоядроии идорашаванда кор карда, бовар мекунонанд, ки реаксияи ядрой дар садсолаи ҳозира татбиқи амалии худро меёбад. Ҳоло марҳалаи гузариш аз корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, муҳандисӣ-физикӣ ба коркарди таҷрибавӣ расидааст.

АДАБИЁТ:

1. Геворкян Р.Г., Шепель В.В. Курс общей физики. – Москва: Высшая школа, 1972.
2. Зисман Г.А., Тодес О.М. Курс общей физики. – Москва: Наука, 1965.
3. Спасский Б.И. Христоматия по физике. – Москва: Просвещение,1987.
4. Бете Г. А., Бечер Р.Ф. Физика ядра. –Харковь, 1938.

АЗ ТАЪРИХИ РЕАКСИЯҲОИ ИДОРАШАВАНДАИ ТЕРМОЯДРОӢ

Дар мақола қайд шудааст, ки аввалин маротиба реаксияи ядроӣ дар бомбаи термоядроӣ истифода бурда шуд. Зимни идора кардани реаксияҳои термоядроӣ, яъне ҳангоми мавҷудияти раванди гузариши оромона, инсоният имконияти захираи зиёди элементҳои сабукро дорад. Реаксияҳои термодяроӣ дар ҳарорати баланд мегузаранд. Аз нуқтаи назари фоиданокӣ барои нигоҳ доштани плазма Токомак аввалин маротиба дар ИҶШС сохта шуд. Дар айни замон олимон дар соҳаи реаксияи термоядроии идорашаванда кор бурда, бовар мекунонанд, ки реаксияи ядроӣ дар садсолаи ҳозира татбиқи амалии худро меёбанд.

КАЛИДВОЖАҲО: реаксия, реаксияи термоядроӣ, синтез, дейтерий тритий, реактор, плазма, Токамак, энергия.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН: Назаров Қурбон Акобирович, омӯзгори кафедри методики таълими физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Абдурахимова Сафаргул Арбобовна, саромӯзгори кафедраи физикаи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

ИЗ ИСТОРИИ ИЗУЧЕНИЯ УПРАВЛЯЕМЫХ ТЕРМОЯДЕРНЫХ РЕАКЦИЙ

В статье подчеркивается, что впервые реакция ядерного синтеза была осуществлена в термоядерной бомбе. При умении контролировать термоядерная реакцию, т.е. при осуществлении спокойного протекание процесса, человечество получит возможность использовать в земных условиях огромные запасы ядерной энергии легких элементов. Термоядерные реакции протекают при свервысоких температурах. С точки зрения эффективности удержания плазмы значительными преимуществами обладает так называемый Токамак впервые созданный в СССР. Сегодня ученые, работающие в области управляемой термоядерной реакции, боле чем когда-либо уверен в том, что практическое применение реакций синтеза будет достигнуто в текущем столети.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: реакция, термоядерная реакция, дейтирий, тритий, плазма, Токамак, реактор, синтез, энергия.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ: Назаров Курбон Акобирович, преподаватель кафедри методики преподования физики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.

Абдурахимова Сафаргул Арбобовна, ст. преподаватель кафедры общей физики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.

FROM THE HISTORY OF THE STUDY OF CONTROLLED THERMONUCLEAR REACTIONS

For the first time, a nuclear fusion reaction was carried out in a thermonuclear bomb. With the ability to control a thermonuclear reaction, i.e. If the process proceeds smoothly, humanity will be able to use the huge reserves of nuclear energy of light elements under earthly conditions. Thermonuclear reactions proceed at superhigh temperatures. From the point of view of plasma confinement efficiency, the so-called Tokamak, first created in the USSR, has significant advantages. Today, scientists working in the field of controlled thermonuclear reaction are more confident than ever that the practical application of fusion reactions will be achieved in the current century.

KEY WORDS: reaction, thermonuclear reaction, deutirium, tritium, plasma, Tokamak, reactor, synthesis, energy.

INFORMATION ABOUT THE AUTHORS: Nazarov Kurbon Akobirovich, Lecturer at the Department of Methods of Teaching Physics of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.

Abdurahimova Safargul Arbobovna, Senior Lecturer at the Department of General Physics of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.

БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН

Маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (силсилаи илмҳои табиӣ) нашрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳисоб меравад.

Маҷалла тибқи «Қонун дар бораи матбуот ва воситаҳои ахбори умум» интишор мегардад.

Дар силсилаи илмҳои табиии маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии профессорону омӯзгорони донишгоҳ ва уламои ватаниву хориҷӣ оид ба риёзиёт, физикаю технология, химия ва биология, таърихи илм ва техника нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисони соҳаҳои илм шомиланд, бо фармони ректори Донишгоҳ тасдиқ карда шудааст.

Маҷалла мақолаҳои илмию назариявиро вобаста ба нусхаи асл ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба табъ расонида, соле 4 маротиба нашр мешавад. Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра қабул менамояд.

Мақолаҳое, ки ба суроғаи маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (силсилаи илмҳои табиӣ) ирсол карда мешаванд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан ифода гардад.

Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, график ва матни аннотатсия (0,5 саҳ.) набояд аз 15 саҳифаи чопӣ зиёд бошад.

Мақолаҳо бояд дар компютер тибқи барномаи Microsoft Word бо шрифти Times New Roman 14, андозаи А4 ҳуруфчинӣ ва дар диск сабт карда шаванд.

Фосилаи байни сатрҳо 1 см, ҳошия аз тарафи чап 3 см, аз тарафи рост 2 см, аз боло 3 см ва поёни саҳифа 2,5 см-ро ташкил намуда, матни мақола аз тарафи рост саҳифабандӣ карда шавад.

Дар саҳифаи аввал номи мақола, дар сатри дуюм ному насаби муаллиф ва муассисаи корӣ навишта мешавад.

Дар дохили матни асосӣ адабиёти истифодашуда тибқи муқаррарот, бо қавсайни квадратӣ, масалан [1, с. 10] ишора мегардад. Дар поёни матн рӯйхати адабиёт бо тартиби дар матн нишондодашуда таҳти унвони «Адабиёт» оварда мешавад. Пас аз рӯйхати адабиёт мазмуни мухтасари мақола ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, ҳамчунин калидвожаҳо (то 10 калима) ва маълумот дар бораи муаллиф (муаллифон) бо ин забонҳо илова мегардад.

Мақолаҳои илмие, ки ба идораи маҷалла ирсол мешаванд, бояд варақаи экспертӣ, маълумотномаи муаллифӣ ва тақризи мутахассисони соҳаро дошта бошанд.

Дар охири мақола ному насаб, ҷои кор, дараҷаву унвони илмӣ, суроғa, рақами телефон, e-mail ва имзои муаллиф ҷой дода мешаванд.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисору ислоҳ намояд ва ё мустақилона барои тақризи иловагӣ фиристонад.

Мақолаҳое, ки сатҳи илмии онҳо ҷавобгӯи талабот нест, ба нашр расонида намешаванд.

Дастхати мақолаҳо баргардонида намешаванд.

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В серии естественных наук научного журнала «Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по математическим, физическим, технологическим, химическим и биологическим наукам, истории наки и техники.

При отправке статьи в редакцию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Объем статьи не должен превышать 15 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее-3 см, нижнее-2,5 см, левое-3 см, правое-2 см), все страницы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Далее через строку следует основной текст.

Ссылки на цитируемую литературу даются в квадратных скобках, например, [1, с.10]. Список литературы приводится общим списком после основного текста (под заголовком «Литература») в порядке упоминания в тексте.

К статье прилагается резюме на таджикском, русском и английском языках с указанием названия статьи. Текст резюме приводится в конце статьи после списка использованной литературы. В конце резюме приводятся ключевые слова (до 10 слов) и сведения об авторе (авторов) на таджиском, русском и английском языках.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку и отзыв специалистов о возможности опубликования.

В конце статьи приводятся сведения об авторе (авторах) с указанием ученой степени, ученого звания, должности, названия организации, адреса, телефона, e-mail.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим требованиям, редколлегией не принимаются.

Рукописи не возвращаются.

МУНДАРИҶА

МАТЕМАТИКА *МАТЕМАТИКА*

Курбанов И.К., Сайдалиев Х.П.
ПЕРИОДИЧЕСКОЕ РЕШЕНИЕ КРАЕВОЙ ЗАДАЧИ ДЛЯ СИСТЕМЫ УРАВНЕНИЙ ЭЛЕКТРИЧЕСКИХ ЦЕПЕЙ.....5

Сафаров Д.С., Миратов С.Қ.
ФЕНОМЕНИ МУОДИЛАИ ВАН ДЕР ПОЛ – ДУФФИНГ ДАР БИОЛОГИЯ ВА ҲАЛЛИ АНИҚИ ОН БО АРГУМЕНТҲОИ ФАРҚКУНАНДА.....7

Усмонов Н., Шадманов М.У.
РЕШЕНИЕ ВНУТРЕННЕЙ ОДНОРОДНОЙ КРАЕВОЙ ЗАДАЧИ ВИДА ЗАДАЧИ КАРЛЕМАНА С НУЛЯМИ И ПОЛЮСАМИ СОПРЯЖЁННО - АНАЛИТИЧЕСКОГО ХАРАКТЕРА НА КОНТУРЕ.....9

Олимов М.И.
ҲАЛҚА ВА МАЙДОНИ СИНФИ МАТРИСАҲОИ КВАДРАТИИ ТАРТИБИ 4-УМИ СИНФАШОН МАХСУСИ ФАВҚИ МАЙДОНИ Q.....12

Норов Р. С., Мелиев Н Н., Файзуллоев А. М.
СИСТЕМЫ ФУНКЦИОНАЛЬНЫХ УРАВНЕНИЙ.....13

Разиков Н.А., Мирзоев С.Ҳ., Қурбонова Н.М.
АМСИЛАИ МАТЕМАТИКИИ ПАҲНШАВИИ МОДДАҲОИ ЗАРАРОВАР АЗ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ БА АТМОСФЕРА ДАР ШАҲРҲОИ САНОАТӢ *(дар мисоли ш. Бохтар ва Ёвон)* 16

ФИЗИКА *ФИЗИКА*

Собиров Дж.Ф., Сафаров М.М.
ПОЛУЧЕНИЕ ЭМПИРИЧЕСКИХ УРАВНЕНИЙ ДЛЯ РАСЧЕТА УДЕЛЬНОЙ ТЕПЛОЕМКОСТИ ТЕЛЛУРИДА ГЕРМАНИЯ В СЕГНЕТОФАЗНОМ СОСТОЯНИИ ПРИ РАЗЛИЧНЫХ ТЕМПЕРАТУРАХ И КОНЦЕНТРАЦИЯХ НОСИТЕЛЕЙ ЗАРЯДА.....25

Раджабова С.С., Тиллоева Т.Р., Сафаров М.М.
ВЛИЯНИЕ КРЕМНИЕВЫХ ФУЛЛЕРЕНОВ НА ИЗМЕНЕНИЕ ТЕПЛОЕМКОСТИ ЭЛЕКТРОЛИТА NaCl.....30

Тургунбаев М.Т., Сафаров М.М., Зарипова М.А.
УРАВНЕНИЯ ТЕЙТА ДЛЯ РАСЧЕТА ВОДНЫХ РАСТВОРОВ ДИМЕТИЛГИДРАЗИНА.....33

Абдурозиқов Э.А.
МУОИНА ВА НАЗОРАТУ ТАШХИСИ БЕХАТАРӢ ВА ҲОЛАТИ ДУРУСТУ КОРШОЯМИИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ.....38

ХИМИЯ *ХИМИЯ*

Мирсаидов У.М., Азизов О.А., Исозода Д.Т., Бадалов А.
СИНТЕЗ, СВОЙСТВА И ХИМИЧЕСКИЕ ПРЕВРАЩЕНИЯ КОМПЛЕКСНЫХ ГИДРИДОВ МЕТАЛЛОВ.....42

Исобаев М.Д., Пулатов Э.Х., Абдуллаев Т.Х.
СИНТЕЗ 2-АЦИЛ- И СУЛЬФАМИДОЗАМЕЩЕННЫХ 1,3,4-ТИАДИАЗИНОВ.....45

Мирсаидзода И.У., Хамидов Ф.А.
ПРОМЫШЛЕННЫЕ ИСПЫТАНИЯ СОРБЦИОННЫХ СВОЙСТВ МЕСТНЫХ СЫРЬЕВЫХ МАТЕРИАЛОВ.....48

Курбонов А.С., Акрамзода Р.
РАЗЛОЖЕНИЯ БОР- И АЛЮМОСИЛИКАТНЫХ РУД ФОСФОРНОЙ КИСЛОТОЙ.....51

Хамидов Ф.А., Эшов Д.Н., Исозода Д.Т.
ТЕРМОДИНАМИЧЕСКАЯ ОЦЕНКА НЕКОТОРЫХ СОЕДИНЕНИЙ АКТИНИДОВ.....54

Пиров Г.З., Абдуллозода С.И.
СИНТЕЗ СЛОЖНЫХ ЭФИРОВ 3α,7β,12α-ТРИГИДРОКСИ-5β-ХОЛАНОВОЙ КИСЛОТЫ.....57

Давлатов Д.О.
КОРКАРДИ ОБӢ ВА КИСЛОТАГӢ БОҚИМОНДАИ ГУДОХТАИ СИЕНИТҲОИ НЕФЕЛИНИИ КОНИ ТУРПИ.....61

Мирзоев Д.Х.
КИСЛОТНОЕ РАЗЛОЖЕНИЯ ЗЕЛЁНЫХ ГЛИН СПЕКАНИЕМ С ГИДРОКСИДОМ НАТРИЯ.....65

Ятимов П.М.
КОРКАРДИ МАЪДАНҲОИ ҒАНИГАРДОНИДАШУДАИ БОРОСИЛИКАТӢ БО ГАЗИ ХЛОР.....67

БИОЛОГИЯ *БИОЛОГИЯ*

Бобозода И.А.
РАСПРОСТРАНЕНИЕ ZIZYPHUS JUJUBA MILL. В ТАДЖИКИСТАНА.....70

Сафарова С.С.
ВЛИЯНИЕ ВЫСОКОЙ ТЕМПЕРАТУРЫ И ВЛАЖНОСТИ ВОЗДУХА НА БИОХИМИЧЕСКИЕ ПОКАЗАТЕЛИ ЛИСТЬЕВ РАЗЛИЧНЫХ СОРТОВ ХЛОПЧАТНИКА.....72

Бобораджабов Б.
МОХООБРАЗНЫЕ НЕМОРАЛЬНОГО И КОСМОПОЛИТНОГО ЭЛЕМЕНТОВ ПАМИРА.....76

Рустамов Ш.Р., Сангинов А.С., Султонова М.Ҳ
ПАҲНШАВӢ ВА ЗАРАРРАСОНИИ ПӮСИШИ СИЁҲИ РЕШАИ ПАХТАИ МАҲИННАХ.....79

Қувватов Ф.М., Комилов Р.
ТАЪСИРИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ БА ҲОЛАТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ГИДРОЛОГИИ ПИРЯХҲО.....82

Комилов Р.
ХУСУСИЯТҲОИ МОРФОЛОГӢ-БИОЛОГӢ ВА АГРОХОҶАГИИ НАВЪИ НАВИ ОЯНДАДОРИ ПАХТАИ МАҲИННАХИ 750-В.....84

ТАЪРИХИ ИЛМ ВА ТЕХНИКА *ИСТОРИЯ НАУКИ И ТЕХНИКИ*

Раҳмонов Ҳ.О., Қурбонов Д.М.
МУТАФАКИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС ОИДИ ИЛМҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ ДАР АСРҲОИ МИЁНА.....87

Қувватов Ф.М.
САҲМИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР РУШДИ ИЛМИ ХИМИЯ.....90

Назаров Қ.А., Абдураҳимова С.А.
АЗ ТАЪРИХИ РЕАКСИЯҲОИ ИДОРАШАВАНДАИ ТЕРМОЯДРОӢ.....92

БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН.....96

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ.....97

МУАССИСИ МАҶАЛЛА:

МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
Суроғa: 735140, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67, бинои асосии донишгоҳ.

НОШИР:

Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи МДТ «Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав»
Суроғa: 735140, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67, бинои асосии донишгоҳ, ошёнаи дуюм.

Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» тарҳрезии компютерӣ ва саҳифабандӣ шуда, дар ҶДММ «Матбаа», бо суроғаи ш. Бохтар, кӯчаи Осимӣ, 22А, нашр мегардад.

Ба чоп 30.03.2021 таҳвил шуд. Чопи офсетӣ.

Андозаи 60х84/16. Ҷузъи чопӣ 12,5

Индекс 77737. Адади нашр 500 нусха.

Журнал отпечатан в ООО «Матбаа», г. Бохтар.
Индекс 77737. Тираж 500 экз.
The magazine was printed in LLC «Matbaa», Bokhtar.
Index 77737. Circulation 500 copies.